# НАШРИЯИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**№ 2, апрел – июн 2022**

Душанбе-2022

Исполнитель:

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва шарҳу тафсирҳо дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

* * *

Данное издание было опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

**Сармуҳаррир –** Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

**Лутфуллозода Ш.–** муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Исҳоқӣ А.Н. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Раҳмонзода С.С. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси коллегияи ҳарбӣ

**Қодирзода Т.Қ. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Ш.Ш. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Азиззода З.Н. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳакимзода С.А. –** котиби Пленум, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Пӯлодӣ М.К. –** судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУНДАРИҶА

**Ҷамъбасти**
таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»..........5

**Ҷамъбасти**
таҷрибаи судии баррасии парвандаҳои гражданӣ оид ба кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ..........26

**Қодирзода Т.Қ.**
Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун омили самаранокии татбиқи қонунгузорӣ дар фаъолияти судҳо..........39

**Абдуллозода Ҷ.А.**
Нақши ҳолатҳои сабуккунанда ва вазникунанда дар қатори меъёрҳои таъини ҷазо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон..........58

# ҶАМЪБАСТИ
## таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

Дар асоси банди 15-и нақшаи кории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷамъбасти таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба «Риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар», ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар соли 2021 баррасӣ гардидаанд, гузаронида шуд.

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалин ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ мебошад, ки баъди ба даст овардани Истиқлолияти миллӣ ҳанӯз соли 1993 ба «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак», ки 20 ноябри соли 1989 ба тасвиб расидааст, ҳамроҳ шудааст.

Тибқи моддаи сеюми Конвенсияи мазкур давлатҳои аъзо ӯҳдадор мешаванд, ки бо дарназардошти ҳуқуқу вазифаҳои падару модари кӯдак, сарпарастон ё дигар шахсони мутобиқи қонун барои ӯ масъул, ба кӯдак чунин ҳимоя ва ғамхориеро таъмин намоянд, ки барои некӯаҳволии ӯ зарур бошад ва бо ин мақсад тамоми тадбирҳои дахлдорро андешанд.

Дар ин замина дар мамлакат санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул гардиданд, ки паҳлуҳои гуногуни таълим ва тарбияи кӯдакон, наврасону ҷавононро дарбар мегирад.

Тибқи талаботи моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон масъул мебошанд.

Мувофиқи моддаи 63 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модар барои рушду камоли фарзандашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки дар бораи саломатӣ, ташакули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим ва касбомӯзии фарзандашон ғамхорӣ намоянд.

Ҳуқуқу ухдадориҳои падару модар нисбати фарзанд ба нафъи ҷомеа буда, дар оила зиндагӣ ва тарбия ёфтани кӯдак ухдадории падару модар дар назди давлат мебошад.

Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, инчунин худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтироми арзишҳои милливу умумибашарӣ, риояи меъёрҳои одобу ахлоқи ҳамида, омода намудани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва ба роҳи рост ҳидоят намудани онҳо 21 июли соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид, ки мақсади он пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд мебошад.

Дар қонуни мазкур вазифаҳои падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд, ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо ба таври мушаххас нишон дода шудааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки зарурияти қабули ҳар як қонунро шароит ва эҳтиёҷ ба танзими муносибатҳои ҷамъиятии мавҷуда талаб менамояд. Қабули Қонуни мазкурро низ шароити бавуҷудомада ва эҳсоси масъулияти аҳли хирад бо сарварии роҳбари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон ба тақдири насли наврас ва ояндаи миллат тақозо намудааст.

Бо вуҷуди он ки имрӯз таваҷҷуҳи баъзе падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда ба раванди таълиму тарбияи фарзандон то андозае суст шуда бошад ҳам, ғамхории давлат оид ба ин масъала ва қабули Қонуни мазкур дар қатори дигар чорабиниҳои таъсирбахши анҷомдодашуда дар ин самт гувоҳи он аст, ки давлат таълиму тарбияи кӯдакро вазифаи худ мешуморад.

Моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд масъулияти ду гуруҳи шахсонро доир ба таълиму тарбияи фарзанд муайян мекунад: 1) падару модар ва 2) шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд.

Маълум аст, ки падару модар нафароне мебошанд, ки бо фарзанд пайванди хунӣ дошта, модар ӯро таваллуд намудааст. Ҳангоми расминамоии таваллуди кӯдак падару модари ӯ дар ҳуҷҷат (шаҳодатномаи таваллуд) номнавис мешаванд ва ин ҳуҷҷат падару модар будани онҳоро тасдиқ менамояд.

Баъзе ҳолатҳое вуҷуд дорад, ки бо ягон сабаб падару модарро нафарони дигар иваз мекунанд (масалан ҳангоми ятим мондани кӯдак ё муваққатан таҳти таълиму тарбияи шахсони дигар будани кӯдак ва ғайраҳо).

Дар моддаи 4-и Қонуни мазкур номгӯи шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд номбар карда шудааст; 1) васӣ; 2) парастор; 3) фарзандхондагон; 4) шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад; 5) намояндагони қонунии онҳо; 6) муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки кӯдак дар таълиму тарбияи онҳо қарор дорад. Шахсони мазкур барои таълиму тарбияи кӯдакони таҳти назораташон буда масъулият доранд.

Бояд қайд намуд, ки барои «Риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъуляти падару модар» дар боби 6, моддаҳои 90-93-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар 4 модда) ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст.

Баррасии парвандаҳои маъмурии дар моддаҳои 90-93-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, тибқи талаботи моддаи 93-и КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеияти судӣ доранд ва ҳуқуқвайронкуниҳои дар моддаҳои 90 (аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон иҷро накардани уҳдадориҳои парасторӣ ва тарбияи ноболиғон), 91 (сӯиистифода аз ҳуқуқи васӣ ё парастор), 92 (риоя накардани тартиб ё муҳлати пешниҳоди маълумот дар бораи ноболиғоне, ки барои фаро гирифтан ба тарбияи оила, таҳти васоят ё ба муассисаи кӯдакони ятим ё бепарастор эҳтиёҷ доранд) ва 93 (кирдорҳои ғайриқонунии фарзандхонӣ, таҳти васоят ё ба оилаи қабулкунанда додани кӯдак), ки ҷазоҳои огоҳӣ ва ҷаримаи маъмуриро пешбинӣ менамоянд аз ҷониби судяи судҳои ҳарбӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ баррасӣ карда мешаванд.

Аз ҳисоботҳои оморӣ бармеояд, ки дар соли 2019 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 15735 парвандаи маъмурӣ вобаста ба риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд баррасӣ гардидааст.

Дар соли 2020 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 15002 парвандаҳои маъмурӣ ва дар соли 2021 бошад 13302 парвандаҳои маъмурӣ вобаста ба риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд баррасӣ гардидааст.

Таҳлилҳои омории дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки шумораи баррасии парвандаҳои маъмурӣ вобаста ба риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар судҳои ҷумҳурӣ сол то сол кам шуда истодаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки шаҳрвандон талаботҳои Қонуни мазкурро риоя карда истодаанд ва худи Қонун бошад дар баланд бардоштани масулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд мусоидат карда истодааст.

Зимни гузаронидани ҷамъбасткунии парвандаҳои маъмурии вобаста ба риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд зиёда аз 2000 парвандаҳои маъмурие, ки дар соли 2021 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардида буданд, мавриди санҷишу омӯзиш қарор дода шуданд.

Омӯзиши парвандаҳои маъмурӣ вобаста ба риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд нишон дод, ки судяҳо дар вақти баррасии ин намуди парвандаҳо асосан меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии қонунгузории маъмуриро дуруст татбиқ мекунанд, лекин дар баробари ин муайян гардид, ки дар баъзе ҳолатҳо судяҳо ҳангоми баррасӣ ва шахсони мансабдори ваколатдор бошад, ҳангоми барасмиятдарории парвандаҳои маъмурӣ ба як қатор камбудиҳои ҷиддӣ роҳ додаанд.

Мувофиқи талаботҳои моддаҳои 78-79 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи содир гаштани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахси мансабдори ваколатдор протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб медиҳад, ки дар он сана ва маҳалли тартиб додани он, вазифа, ному

насаби шахсе, ки протоколро тартиб додааст, маълумот дар бораи шахси ҳуқуқвайронкунанда, маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, моддаи қисми махсуси Кодекси мазкур, ки ҷавобгариро барои ин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ менамояд, фамилия, ному насаб ва суроғаи шоҳидон ва ҷабрдидагон (агар бошанд), баёноти шахси воқеӣ, ҳуқуқӣ ё намояндаи қонунии онҳо, ки дар ҳаққашон парванда оғоз шудааст ва дигар маълумотҳои барои ҳалли парванда зарур сабт карда мешавад. Ҳуқуқу озодиҳояшон фаҳмонида, имконият барои шиносшавӣ бо протокол фароҳам оварда шуда, ин шахсон ҳуқуқ доранд доир ба протоколи тартибдодашуда фикру мулоҳизаҳои худро баён намоянд, ки ҳамаи он ба протокол замима мегарданд.

Ҳангоми гузаронидани ҷамъбасткунӣ ва омӯзиши парвандаҳои категорияҳои мазкур муайян гардид, ки меъёри дар боло зикргардидаи қонун зимни тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахсони ваколатдори давлатӣ риоя карда нашудаанд.

Мисол, аз тарафи Сардори МХМ ШВКД дар ноҳияи Ш. барои риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд нисбати Г.Д.Ҳ. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, зимни тартиб додани протоколи мазкур аз ҷониби шахси мансабдори ваколатдор талаботҳои моддаҳои 78-79 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда нашудааст. Бо ин сабаб аз ҷониби суди ноҳияи Ш. 28 январи соли 2021 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Г.Д.Ҳ. дар асоси моддаи 133 қисми 1 сархати 7 КМҲМ Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои барасмиятдарории нав ва ислоҳи камбудиҳо ба ШВКД дар ноҳияи Ш. баргардонида шудаст.

Ба ҳамин монанд мисоли дигар, нозири минтақавии ШВКД дар ноҳияи Ш. нисбати Л.Ш.Д. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, зимни тартиб додани протокол талаботҳои моддаҳои 78-79 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накардааст. Бо ин сабаб бо таъиноти суди ноҳияи Ш. аз 5 феврали соли 2021 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Л.Ш.Д. дар асоси моддаи 133 қисми 1 сархати 7 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба расмиятдарории нав ва ислоҳи камбудиҳо ба ШВКД дар ноҳияи Ш. баргардонида шудааст.

Мувофиқи талаботи банди 3 қисми 1 моддаи 133 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 3-и Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2013 «Оид ба тартиби баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби судҳои марҳилаи якум» яке аз масъалаҳое, ки ҳангоми тайёрӣ барои баррасии парванда бояд муайян карда шавад, ин масъалаи дуруст тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дуруст ба расмият даровардани мавод мебошад.

Мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 79 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар баробари нишон додани сана ва маҳалли тартиб додани он, вазифа, насаб, ном ва номи падари шахсе, ки протоколро тартиб додааст, маълумот дар бораи шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир кардааст, инчунин маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар маълумотҳои зарурӣ сабт карда мешаванд.

Аз протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо парвандаи маъмурӣ нисбати Ғ.Г., ки аз ҷониби ШВКД-и шаҳри Б. тартиб дода шудааст, дида мешавад, ки дар он ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нишон дода нашудааст.

Бо мавҷуд будани чунин камбудии ҷиддӣ бояд ҳангоми тайёрӣ барои баррасии парванда он барои ба расмиятдарории нав ва ислоҳи камбудиҳо баргардонида мешуд. Аммо парванда аз ҷониби суд моҳиятан мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо қарори судяи суди шаҳри Б. аз 11 феврали соли 2021 Ғ.Г.Л. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, нисбаташ ҷазои ҷарима ба андозаи 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 180 сомонӣ таъин карда шудааст.

Мувофиқи талаботи қисми 1-и моддаи 85-и КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи тартибдодаи мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) ё қарори прокурор оид ба оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар давоми се шабонарӯз ба судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) равон карда мешавад. Аммо ин талаботи қонун дар баъзе мавридҳо аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдор риоя карда намешавад.

Мисол, нозири минтақавии ШВКД дар ноҳияи И. 18 феврали соли 2021 барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида нисбати Қ.М.Д. протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, пас аз 13 рӯз парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро оғоз карда, онро 01 марти соли 2021 барои баррасӣ ба суди ноҳияи И. ирсол намудааст.

Мисоли дигар, нозири калони ШВКД дар ноҳияи С. 02 декабри соли 2021 барои содир намудани

ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида нисбати Б.Н.Х. протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, пас аз 8 рӯз парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро оғоз карда, онро 10 декабри соли 2021 барои баррасӣ ба суди ноҳияи С. ирсол намудааст.

Мисоли дигар, сардори ШВКД дар ноҳияи Ф. 28 декабри соли 2020 барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида нисбати М.М.Ҳ. бо қарор парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намуда, онро 15 январи соли 2021 барои баррасӣ ба суди ноҳияи Ф. ирсол намудааст.

Мисоли дигар, аз ҷониби ШВКД дар шаҳри Н. бархилофи талаботи моддаи 82 қисми 3 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи қарор оид ба оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳуқуқвайронкунанда А.Д. супорида нашудааст.

Мисоли дигар, нозири калони минтақавии ШВКД ноҳияи Д. 12 ноябри соли 2020 барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида нисбати Р.А. протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, пас аз 16 рӯз парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро оғоз карда, онро 28 ноябри соли 2020 барои баррасӣ ба суди ноҳияи Д. ирсол намудааст.

Зимни омӯзиш ва гузаронидани ҷамъбасткунии парвандаҳои маъмурии вобаста ба риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд муайян гардид, ки ҳамин гуна камбудиҳои дар боло зикргардида, дар фаъолияти дигар ШВКД-ҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ҷой доранд.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 33-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахс ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад, ба шарте ки аз рӯзи содир шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ се моҳ гузашта бошад.

Аммо ин талаботҳои қонунгузории маъмурӣ дар баъзе мавридҳо аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдор ҳангоми оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ риоя карда намешавад.

Масалан, ҳангоми гузаронидани амалиёти махсуси мақсадноки «Оворагард» аз тарафи нозирони ШВКД ноҳияи Н. муайян намудаанд, ки дар Ҷамоати деҳоти Х. ноболиғ З.С. санаи таваллудаш 03 июли соли 2006, хонандаи синфи 8 дар вақти дарс ба кашидани тамоку (сигор) машғул будаст. Ҳангоми санҷиш муайян карда шудааст, ки ноболиғ З.С. фарзанди И.С.Р. будааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» шаҳрванд И.С.Р. уҳдадор буд, ки фарзани ноболиғашро зери назорат гирад, то ки ба кашидани тамоку (сигор) машғул нашавад.

29 марти соли 2021 нозири калони ШВКД дар ноҳияи Н. нисбати И.С.Р. барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб додаст. Баъди 7 моҳ сардори ШВКД дар ноҳияи Н. 25 октябри соли 2021 нисбати И.С.Р. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда, онро барои баррасӣ ба суди ноҳияи Н. ирсол намудаст.

Бо қарори суди ноҳияи Н. аз 28 октябри соли 2021 ҳуқуқвайронкунанда И.С.Р. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, ба ӯ ба андозаи 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 180 сомонӣ ҷазои

ҷарима таъин карда шудааст.

Ҳолатҳои дар боло дарҷгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳлати семоҳаи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани И.С.Р. гузаштааст, новобаста аз ин сардори ШВКД дар ноҳияи Н. 25 октябри соли 2021 нисбати И.С.Р. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда, онро барои баррасӣ ба суд фиристонидааст.

Тибқи талаботи сархати 6-и моддаи 20-и КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати гузаштани ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, истеҳсолот оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда намешавад ё пешбурди парвандаи оғозгардида қатъ карда мешавад.

Омӯзиши парвандаҳои маъмурӣ нишон дод, ки барои бартараф кардани камбудиҳои дар боло ҷойдошта аз тарафи судяҳо чораандешӣ карда нашудааст.

Тибқи талаботи қисми 3-и моддаи 145 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон агар ҳангоми баррасии судии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ муқаррар карда шавад, ки зимни барасмиятдарорӣ, тафтишоти маъмурӣ ва баррасии он муқарраротӣ ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя нашудаанд, судя ҳуқуқ дорад нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти хусусӣ ирсол намояд.

Аз диспозитсияи моддаи 90-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон, ки барои парасторӣ ва тарбияи ноболиғон уҳдадоранд субъекти ин ҳуқуқвайронкунӣ шуда метавонанд.

Зимни омӯзиши парвандаҳои категорияҳои мазкур муайян гардид, ки дар бештари ҳолатҳо бо моддаи 90-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо модарони шахсони

ноболиғ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Ҳангоми ба расмиятдарории чунин ҳуқуқвайронкунӣ мақомоти ваколатдорӣ давлатӣ ва судяҳо ҳангоми баррасии чунин парвандаҳо муайян накардаанд, ки ноболиғон дар баробари модар падар доранд ё не, ё дар парастории намояндагони қонуниашон мебошанд.

Омӯзиши ин категорияи парвандаҳо нишон дод, ки асосан падару модарон ва шахсони ивазкунандаи онҳо бо сабабҳои гуногун аз ҷумла, бинобар бо телефон ба мактаб ҳозир шудани ноболиғон, вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ, ҷангу ҷидол, мунокиша намудан ва лату кӯб намудани якдигар дар мактаб, халалдор намудани рафти дарсҳо, сари вақт аз ҷониби падару модар нагирифтани шаҳодатномаи таваллуд барои фарзандон, иштирок накардан дар дарсҳо, ба оворагардӣ, савдои кӯчагӣ ва бозиҳои компютерӣ машғул шудан, бе сару либоси мактабӣ ба дарс ҳозир шудан, таълимоти динӣ гирифтани фарзандон ва дигар асосҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Судҳо одатан зимни баррасии ин зумра парвандаҳо талаботи қонунҳои моддӣ ва мурофиавиро ба роҳбарӣ гирифта, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар ин замина қарорҳои моҳиятан дуруст қабул намоянд.

Ҳамзамон таҳлил нишон дод, ки шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки ваколати тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро доранд, дар вақти ба расмият даровардани протокол оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва оғоз намудани парвандаҳо ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ дода мешавад.

Мутасифона дар баъзе мавридҳо судҳо низ ба чунин ҳолатҳо диққат надода, чунин парвандаҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Мисол, аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дида мешавад, ки аз ҷониби сардори ШВКД дар шаҳри И. нисбати Н.Ҳ. бо моддаи 90-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои он парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз гардидааст, ки номбурда ба фарзандаш Ҳ. 22 июни соли 2019 таваллудаш, шаҳодатномаи таваллуд нагирифтааст.

Аз рӯи ин ҳолат таъинот оиди оғоз намудани парванда аз санаи 16 августи соли 2021 қабул гардида, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки аз ҷониби нозири ШВКД тартиб дода шудааст, аз санаи 30 августи соли 2021 мебошад.

Дар ин маврид бархилофи талаботи қонуни мурофиавӣ, аввалан таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул гардида, баъдан протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Ҳол он ки асоси оғоз намудани парванда ин протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад, ки аз мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳад.

Ба чунин ҳолат нигоҳ накарда, бо қарори судяи суди шаҳри И. аз 14 сентябри соли 2021 Н.Ҳ. ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба ӯ ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъин гардидааст.

Мутобиқи моддаи 23 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷониби шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ содир шудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмурии пешбининамудаи Кодекси мазкурро дар бар гирад.

Аммо таҳлил нишон дод, ки судҳо дар баъзе ҳолатҳо бо парвандаҳои алоҳида дар ҳолати набудани ҳодисаи

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ шахсонро ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, нисбаташон ҷазо таъин менамоянд.

Мисол, 29 апрели соли 2021 аз тарафи нозири минтақавии ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Т. нисбати омӯзгори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳия Ҷ.Р.И. барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Асос барои тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ он шудааст, ки Ҷ.Р.И. дар вазифаи омӯзгори муассисаи зикршуда кор карда истода, 14 апрели соли 2021 бе сабабҳои узрнок ба муассисаи таълимӣ ба кор наомадааст. Бо ин кирдораш охирин гӯё талаботи моддаи 12 сархати 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»-ро вайрон намудааст, ки хонандагон ба муҳлати панҷ соат ба таълим фаро гирифта нашудаанд.

Оиди ҳолати мазкур сардори ШВКД дар ноҳияи Т. бо таъинот аз 20 майи соли 2021 нисбати Ҷ.Р.И. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намуда, ҳамон рӯз онро барои баррасӣ ба суди ноҳия ирсол намудааст.

Бо қарори суди ноҳияи Т. аз 26 майи соли 2021 бо асосҳои дар боло овардашуда Ҷ.Р.И. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, ба ӯ ҷазо дар намудани ҷарима ба андозаи 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 180 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шудааст.

Дар кирдори содирнамудаи Ҷ.Р.И. ҳамчун омӯзгор иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки дар моддаи 12 Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъуляти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, дида намешаванд.

Аз маводи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бармеояд, ки Ҷ.Р.И. ҳамчун омӯзгор бо ин кирдори худ интизоми меҳнатро вайрон карда, бе сабаби узрнок дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз 3 соат дар ҷои кориаш набудааст, ки ин кирдораш бояд мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешуд.

Вайрон кардани интизоми меҳнат, аз тарафи корманд риоя накардани талаботи қонуни меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот ба ҳисоб рафта, бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровар да мешавад.

Ҳамзамон тибқи талаботи банди 4 қисми 1 моддаи 42 Кодекси мазкур яке аз сабабҳои бекор намудани шартномаи меҳнатӣ ин бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудани корманд мебошад.

Ҳолати дар боло зикргардида аз он шаҳодат медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо судяҳо ҳангоми баррасии парандаҳои маъмурӣ ба кирдори ҳуқуқвайронкунандагон баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода, қарорҳои бармаҳал қабул намудаанд.

Тибқи талаботи моддаҳои 133 ва 134 КМҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби судҳо тайёрӣ барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронида шуда, таъинот қабул карда мешавад.

Омӯзиши ин қабил парвандаҳо нишон дод, ки ҳарчанд аз ҷониби судяҳо бо ин парвандаҳо таъинот қабул гардида бошад ҳам, аммо бо ин парвандаҳо ягон амалиёти

мурофиавӣ барои тайёрии баррасии парванда гузаронида намешавад.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар ҳолатҳои алоҳида судяҳо ба банду басти кирдори ҳуқуқвайронкунанда диққат намедиҳанд.

Чунончи, сардори ШВКД дар ноҳияи Ф. бо таъинот аз 19 феврали соли 2021 нисбати Г.Ғ.Қ. бинобар аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ нагузаронидани духтараш бо моддаи 90 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намудааст.

Ҳол он, ки моддаи мазкур меъёри мурофиавӣ буда, тобеияти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро пешбинӣ менамояд.

Чунин ҳолат бо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати Ё.З., Н.А., А.А., С.А. ва П.Х., ки аз ҷониби сардори ШВКД дар ноҳияи Ф. оғоз гардидааст, дида мешавад.

Судяҳои суди ноҳияи Ф. бошанд ба ин ҳолат баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода, номбурдагонро бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, ба онҳо дар доираи санксияи моддаи мазкур ҷазо таъин намудаанд.

Ба ҳамин монанд, сардори ШВКД дар ноҳияи Д. нисбати А.М. бо таъинот аз 07 январи соли 2021 бо моддаи $93^1$ КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон (риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила) парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намудааст.

Судяи суди ноҳияи Д. А.М.-ро бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, нисбаташ ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 180 сомонӣ таъин намудааст.

Чунин камбудиҳо дар фаъолияти дигар судҳои шаҳру ноҳияҳо дар баррасии ин қабил парвандаҳо ҷой дорад.

Мувофиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» таҳти №1724 аз 20 ноябри соли 2020 аз 1 январи соли 2021 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзиши ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон титбиқ карда мешавад, дар ҳаҷми 60 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Бархилофи ин меъёри муқаррарнамудаи қонун судяи суди ноҳияи Ш. бо қарор аз 5 январи соли 2021 нисбати И.Д., ки бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст, ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи 5 нишондиҳанда баробар ба 290 сомонӣ таъин намудааст.

Судяи дигари суди ноҳияи Ш. низ бо қарор дар бораи таъин намудани ҷазои маъмурӣ аз 11 январи соли 2021 нисбати Г.Ф.Н. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима ба андозаи 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 174 сомонӣ ба манфиати давлат таъин намудааст.

Ба ҳамин монанд судяи суди шаҳри И. бо қарор дар бораи таъин намудани ҷазои маъмурӣ аз 06 январи соли 2021 нисбати М.М.У. бо моддаи 90 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима ба андозаи 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 174 сомонӣ таъин намудааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 53 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои шайъӣ ҳангоми зарурат сурат гирифта ё ба дигар тарзи муайяншуда қайд гардида, ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Мавҷудияти далелҳои шайъӣ дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё дигар протоколи пешбининамудаи Кодекси мазкур қайд карда мешаванд.

Судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор), ки парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар пешбурди онҳо қарор дорад, ӯҳдадоранд доир ба таъмини нигоҳдории далелҳои шайъӣ то моҳиятан баррасӣ кардани парванда чораи зарурӣ андешанд ва баъди баррасӣ гардидани парванда дар хусуси далелҳои шайъӣ қарори дахлдор қабул намоянд.

Омӯзиши парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нишон дод, ки ҳарчанд дар аксар ҳолатҳо падару модар барои бо телефон ба дарс ҳозир гардидани фарзандонашон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда бошанд ҳам, вале телефонҳои аз ноболиғон гирифташуда бо парванда далели шайъӣ эътироф карда нашуда, ба суд пешниҳод карда намешаванд.

Ҳамин тариқ, парандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро вобаста ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд омӯхта, ҷамъбастии мазкурро ба охир расонида, дар охир қайд кардан ба маврид аст, ки бештари меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ меъёрҳои ҳаволакунанда буда, барои иҷро накрдани талаботи ин ё он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Масалан, дар моддаи 89 КҲМ барои риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар моддаи $93^1$ КҲМ барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, дар моддаи 474 КҲМ барои риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои динӣ, дар моддаи 475 барои риоя

накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дар моддаи 481 КҲМ бошад, барои риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар моддаи 90-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, барои аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон, омӯзгор ё дигар корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ иҷро накардани ӯҳдадориҳои парасторӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Аммо диспозитсаи моддаи мазкур ҳамаи талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандро дарбар намегирад.

Масалан, дар боби 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» сухан дар бораи уҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар меравад, ки барои иҷро накардани ин талаботи Қонуни мазкур шахсро бо моддаи 90 КҲМ амалкунанда ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад. Чунки дар моддаи 90-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амал карда истодааст, ҳамаи паҳлуҳои Қонуни дар боло номбурда фаро гирифта нашудааст.

Бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло зикргардида пешниҳод карда мешавад, ки ном ва матни моддаи 90-и КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд дар таҳрири зерин ифода гардад.

«Моддаи 90 Риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи

фарзанд»

«Барои риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд-».

Мувофиқи санксияи моддаи мазкур танҳо шахсони воқеӣ, яъне падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки дар санксияи моддаи нобурда, дар баробари шахсони воқеӣ, яъне падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда, инчунин муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки кӯдак дар таълиму тарбияи онҳо қарор дорад, яъне шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ низ бояд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шаванд. Чунки шахсони мазкур барои таълиму тарбияи кӯдакони таҳти назораташон буда масъулият доранд.

Дар баробари ин, ҷамъбастии мазкурро ба охир расонида, аз рӯи натиҷаи он пешниҳод менамоем: Ҷиҳати баланд бардоштани нақши тарбиявӣ ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ баррасии парвандаҳои маъмурӣ бештар дар мурофиаҳои сайёри судӣ, дар ҷои кор, таҳсил ё истиқомати ҳуқуқвайронкунандагон ба роҳ монда шаванд.

Ҳамчунин, зарур меҳисобем аз натиҷаи ҷамъбастӣ ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани камбудию нуқсонҳое, ки ҳангоми барасмиятдарорӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ роҳ дода шудаанд ва омилҳое, ки ба қонуншиканиҳо дар ин самт мусоидат намудаанд, ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо ирсол карда шаванд.

Инчунин, натиҷаи ҷамъбастии мазкур ба таваҷҷӯҳи судяҳои судҳои ҷумҳурӣ дар машғулиятҳои семинарие, ки

рӯзи ҷумъаи охири ҳар моҳ гузаронида мешавад, расонида шавад.

## Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олӣ

## Ҷ А М Ъ Б А С Т И
## ТАҶРИБАИ СУДИИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАҲОИ ГРАЖДАНӢ ОИД БА КӮЧОНИДАН АЗ МАНЗИЛИ ИСТИҚОМАТӢ

Тибқи банди 10-и нақшаи кори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 ҷамъбастии таҷрибаи судии баррасии парвандаҳои гражданӣ оид ба кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ, ки судҳои ҷумҳурӣ соли 2021 баррасӣ намудаанд гузаронида шуд.

Мақсад аз гузаронидани ҷамъбастӣ муайян ва таҳлил намудани таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи дурусти қонунҳои моддӣ, мурофиавӣ ва дигар қонунҳои соҳавӣ доир ба ин намуди баҳсҳо ва пешниҳоди тавсияҳои муфид баҳри татбиқи таҷрибаи ягонаи судӣ дар судҳои ҷумҳурӣ мебошад.

Ҷиҳати таҳлили маълумотҳои оморӣ дар судҳои шаҳру ноҳияҳо дар давоми солҳои 2020-2021 чанд адад парвандаҳои мазкур баррасӣ карда шудааст, маълумоти оморӣ дар ин самт гирифта шуд, то муайян карда шавад, ки шумораи ин парвандаҳо дар кадом шаҳру ноҳия зиёд ва ё кам мебошанд, чанд миқдор аризаҳои даъвлгӣ қонеъ гардидааст, то амалияи судӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

Тавре аз маълумотҳои оморӣ бармеояд, шумораи парвандаҳои баррасишуда оид ба кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ аслан дар судҳои шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд зиёдтар буда, дар баъзе судҳо умуман ин парвандаҳо баррасӣ карда нашудааст.

Масалан, агар шумораи парвандаҳои баррасишуда дар соли 2020 дар ҷумҳурӣ 437 адад бошад, аз ин 121 адад дар судҳои шаҳри Душанбе, 123 дар вилояти Суғд, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур 106 адад, дар вилояти

Хатлон 83 адад, дар ВМКБ бошад, ҳамагӣ 4 адад парванда ворид ва баррасӣ шудааст.

Дар ҳамин давра шумораи қонеъ гардидани аризаҳои даъвогӣ нисфи онҳоро ҳам ташкил намедиҳад.

Чунончӣ аз 121 адад парвандаҳои дар судҳои ноҳияҳои ш. Душанбе баррасигардида, 57 адад аризаҳои даъвогӣ қонеъ карда шуда бошад, дар судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 106 адад 36, судҳои вилояти Суғд аз 123 парванда 64 даъво, Хатлон аз 83 парванда 23 ариза қонеъ карда шудаанд.

Ҳамин ҳолат дар соли 2021 низ аз рӯи маълумотҳои оморӣ, ки дар боло зикр карда шудаанд, низ ҷой дорад.

Масалан, дар соли 2021 дар ҷумҳурӣ 528 адад баррасӣ шуда 197 даъво қонеъ гардида бошад, аз ин 213, 74 қонеъ дар судҳои шаҳри Душанбе, дар вилояти Суғд 105, 56 қонеъ, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 100, 32 қонеъ, дар вилояти Хатлон 97, 30 қонеъ ва дар ВМКБ бошад, 13 адад, ки 5 қонеъ мебошад.

Чуноне дида мешавад, шумораи қонеъ гардидани аризаҳои даъвогӣ аз нисф камро ташкил медиҳад.

Омӯзиши парвандаҳои гражданӣ вобаста ба ин намуди баҳсҳо, ки дар давраи соли 2021 дар судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардидаанд ва ба Суди Олӣ ворид гардиданд гузаронида шуд.

Тибқи муқаррароти моддаи 22 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст ва моддаи 36 Конститутсия ҳар кас ба манзил ҳуқуқ доштанро кафолат додааст.

Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ кооперативӣ ва инфиродӣ (шахсӣ) ва ҳифзи он татбиқ мегардад.

Қонун ҳама гуна амалро, ки барои татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил монеъ мегардад, манъ мекунад.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 4-и КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахси манфиатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии судии гражданӣ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи худ ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дорад.

Аз талаботи моддаи 70 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки хонаи дигари истиқоматӣ надода, кӯчонидани шаҳрвандон танҳо дар ҳолатҳои зерин иҷозат дода мешавад:

-агар кироягир, аъзои оилаи ӯ, ё шахси дигари ҳамроҳаш истиқоматкунанда хонаи истиқоматиро бидуни ба инобат гирифтани чораҳои огоҳонӣ ва таъсиррасонии ҷамъиятӣ муттаасил вайрон ё хароб кунанд;

-агар онҳо хонаи истиқоматиро тибқи таъиноташ истифода набаранд ва чораҳои огоҳонӣ ва таъсиррасонии ҷамъияти бенатиҷа бошад;

-агар қоидаи зисту зиндагии умумиро мунтазам вайрон намуда, дар як квартира ё як бино ҳамроҳ зиндагӣ кардани дигаронро имконнопазир гардонанд ва агар тадбирҳоиогоҳонӣ ва таъсиррасонии ҷамъиятӣ бенатиҷа бошад;

-агар ашхос аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум гардидаанд ва зиндагӣ ҳамроҳи фарзандоне, ки аз ҳуқуқи падару модари ба онҳо маҳрум гаштаанд имконнопазир донистa шуда бошад;

-агар ашхос хонаи истиқоматиро худсарона ишғол карда бошанд;

-тибқи муқарраротӣ қисми 3 моддаи 54 Кодекси мазкур (иҷорагире, ки худсарона азнавсозӣ ва дигар кардани тарҳи хонаҳои истиқоматиро анҷом дода,

мутобиқи хулосаи мутахассис чунин амал ҳаёти дигар сокинонро таҳти хатар мегузорад, вазифадор аст, ки онро аз ҳисоби худ ба ҳолати пештара баргардонад, дар ҳолати рад кардани ӯ бояд тибқи тартиби судӣ, бидуни додани хонаи истиқоматии дигар аз хона маҳрум карда шуда, хароҷоти вобаста ба ҳолати пешина овардани хонаи истиқоматиро пардозад).

Омӯзиши парвандаҳои судӣ нишон дод, ки судҳо асосан аризаҳои даъвогиро оид ба парвандаҳои мазкур бо риояи талаботҳои меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ баррасӣ намуда, санадҳои судии дахлдор қабул кардаанд.

Аммо дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми татбиқи қонунгузорӣ ба камбудиҳо низ роҳ дода шудааст.

Масалан:

Парвандаи гражданӣ бо аризаи даъвогии А.У. ба ҷавобгарии М.С. ва М.Д. дар бораи аз манзили истиқоматӣ кӯчонидан ба суди ноҳияи Ё. 11 марти соли 2021 ворид гардида 24 августи соли 2021 аризаи даъвогӣ бе баррасӣ мононда шуда, муҳлати баррасии парванда гузаронида шуда, дар муддати зиёда аз панҷ моҳ дар истеҳсолоти суди мазкур будани ин парванда ягон амалиёти судӣ бобати саривақт баррасӣ намудани он гузаронида нашудааст.

Аризаи даъвогии Филиали ҶСП «А.» нисбати Д.М. дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ тибқи муҳри суди ноҳияи Р. он ба ин суд 27 январи соли 2021 қабул гардида, бо таъиноти судя бошад он ба мурофиаи судӣ 29 сентябри соли 2021 қабул карда шудааст. Бо таъиноти судӣ аз 30 сентябри соли 2021 омодасозии парванда гузаронида шуда, тарафҳо барои суҳбат ба 4 сентябри соли 2021 даъват шудаанд ва баррасии парванда ба 9 декабри соли 2021 таъин гардида, ҳамин рӯз ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо фаҳмонида шуда, аз онҳо 9 декабри соли 2021 дастхат гирифта шуда, ҳамин рӯзи 9 декабри соли 2021

ҳалнома қабул шуда, даъво қонеъ карда шудаст. Чуноне навиштаҳои боло собит месозанд вобаста ба муҳри суд, ки рӯзи ворид гардидани аризаи даъвогӣ 27 январи соли 2021 дар суд ба қайд гирифта шудааст ва судя дар таъинот санаи қабули аризаро 29 сентябри соли 2021 зикр кардаст, муҳлати қабули аризаи даъвогӣ моддаи 136 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон се рӯз муқаррар намудаст гузаронида, баъди гузаштани зиёда аз 8 моҳ қабул кардаст. Дигар он ки дар таъиноти омодасозӣ ба парванда санаҳои қабули он ва ба суҳбат даъват намудани тарафҳои парванда ба ҳам мувофиқат намекунанд, ки аз нагузаронидани омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ё парвандаи граждании аз рӯи аризаи даъвогии ҶСК «Ф.» нисбати Ғ.Ш. дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ ба суди ноҳияи Р. 11 январи соли 2021 ворид гардида, бо таъиноти судӣ аз 23 феврали соли 2021 баррасии парванда, бинобар аз даъво даст кашидани даъвогар қатъ карда шудааст.

Мувофиқи талаботи моддаи 176 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси даст кашидани даъвогар аз даъво, эътирофи даъво аз ҷониби ҷавобгар ба суд аризаи хаттӣ пешниҳод карда мешавад, ки он дар протоколи маҷлиси судӣ зикр мегардад. аммо талаботи ин меъёр риоя нашудааст.

Суд ба даъвогар ё ҷавобгар оқибатҳои даст кашидан аз даъво, эътирофи даъворо тавзеҳ дода, аз онҳо дастхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад.

Риояи меъёрҳои КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки омодасозии парвандаҳои гражданиро ба муҳокимаи судӣ ба танзим медарорад, яке аз омилҳои асосии дуруст ва саривақт баррасӣ намудани ариза мебошад.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 150 КМГ ЧТ судя баъди қабули ариза ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад ва амалеро, ки тарафҳо, шахсони дигари иштирокчии парванда бояд анҷом диҳанд, муҳлати иҷрои ин амалҳоро барои таъмини баррасии саривақтии парванда ва ҳалли дурусти он зикр менамояд.

Омӯзиши парвандаҳои граждании нишон дод, ки судяҳо дар бисёр ҳолатҳо ба ҷавобгар фақат аризаи даъвогиро супорида, ҳуҷҷатҳои замимагардидаро намесупоранд, ба ҷавобгар барои асоснок намудани норозигии худ, муҳлат намедиҳанд.

Мисоли дигар: Аризаи даъвогии Ҷ.Б. нисбати Ҷ.А., Н.Д., Ҷ.А., Ҷ.А. ва Ҷ.А. дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бе додани манзили истиқоматии дигар, бартараф намудани монеагӣ ва баровардан аз қайди зисти доимӣ 14 июни соли 2021 ба истеҳсолоти суди шаҳри Т. қабул, 05 июли соли 2021 таъинот оиди омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ қабул гардида, тарафҳо барои гузаронидани суҳбат 14 июли соли 2021 ва барои пешниҳод намудани далелҳо то 22 июли соли 2021 муҳлат дода шудааст. Лекин ин муҳлат нагузашта бо таъиноти суд аз 16 июли соли 2021 баррасии парванда ба рӯзи 22 июли соли 2021 таъин шуда, тарафҳо ба тариқи дахлдор огоҳонида нашуда, аризаҳо бе баррасӣ мононда шудаанд.

Ё дигар мисол, бо таъиноти суди ноҳияи С. аз 11 майи соли 2021 аризаи даъвогии ҶМ ТАҚХ “М.” ба ҷавобгарии Х.Ҷ.Б., Х.Г.Ғ. ва Х.Б.Ҷ. оиди кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бе додани манзили дигари истиқоматӣ бинобар ҳозир нашудани тарафҳо ба суд ба рӯзҳои 29 апрел ва 11 майи соли 2021, бе баррасӣ мононда шудааст. Аммо дар маводҳои парванда оиди он, ки

тарафҳо ба таври дахлдор хабар карда шудаанд далел мавҷуд нест.

Ҳамин ҳолатҳо дар парвандаи суди шаҳри В. бо даъвои Ҷ. Н.А. нисбати Қ.Ф., Қ.Б. ва Қ.Т. оиди кӯчонидан аз мағозаи савдои «Ш.» бе додани мағозаи дигар, дар парвандаи суди ноҳияи Ф. бо даъвои директори ҶДММ «А.» А.У. нисбати Т.Н. оиди кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ.

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки судҳо аз шахсоне, ки ҳуқуқи пурра ё қисман даст кашидан аз талаби даъво надоранд, ваколатнома талаб накарда, баррасии парвандаро бинобар аз даъво даст кашидани даъвогар қатъ кардаанд.

Масалан, ККВД «А.» нисбати Ш.Т. оиди кӯчонидан аз хобгоҳи умумӣ бо даъво рӯзи 30 июни соли 2021 ба суди ноҳияи С. муроҷиат намудааст. Бо таъиноти ин суд аз 21 сентябри соли 2021 баррасии парванда бинобар аз даъво даст кашидани даъвогар қатъ карда шудааст. Аз парванда дида мешавад, ки Х.О. ҳамчун намояндаи ККВД «А.» аз даъвои пешниҳодшуда даст кашида ба суд ариза пешниҳод кардааст, хол он ки дар маводҳои парванда ҳуҷҷате, ки барои аз даъво даст кашидан Х.О.-ро ваколатдор карда бошад мавҷуд нест.

Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки дар баъзе мавридҳо судяҳо барҳилофи талаботи моддаи 156 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъинот оиди таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ набароварда, парвандаро баррасӣ менамоянд.

Мисол, даъвогар Б.С. нисбати А.У. дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бе додани манзили истиқоматии дигар бо аризаи даъвогӣ ба суди шаҳри Т. 18 ноябри соли 2020 муроҷиат карда, бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳри Т. аз 15 феврали соли 2021 баррасии парвандаи мазкур бе баррасӣ мононда шудааст. Дар

маводи парванда таъинот оиди таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ тибқи талаботи моддаи 156 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд намебошад.

Протоколи маҷлиси судӣ, яке аз ҳуҷҷатҳои асосии мурофиавӣ ба ҳисоб меравад. Дар протокол бояд ҳамаи маълумотҳои муҳим оид ба баррасии парванда ё гузаронидани амалиёти ҷудогонаи мурофиавӣ бо ҳамон тартиб, ки дар маҷлиси судӣ ба амал омадааст, инъикос гардад.

Тарзи тартиб додани протокол, мазмуни онро моддаҳои 234-235 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиб медарорад ва аз мазмуни онҳо омадааст, ки протокол аз тарафи котиби маҷлиси судӣ ба таври хаттӣ тартиб дода шуда, дар муҳлати на дертар аз 5 рӯз баъди хотима ёфтани маҷлиси судӣ бояд тайёр бошад.

Омӯзиши протоколҳои маҷлиси судӣ ҳангоми ҷамъбастӣ доир ба парвандаҳои мазкур нишон дод, ки протоколҳо ба таври бояду шояд тартиб дода нашуда, баёнотҳои иштирокчиёни мурофиа кӯтоҳ, носаҳеҳ дарҷ шуда, дар баъзе ҳолатҳо баромадҳои шахсони манфиатдор, ки дар маҷлиси судӣ иштирок кардаанд, қайд карда нашудааст.

Инчунин ҳолатҳое ҷой дорад, ки дар протоколи маҷлиси судӣ фаҳмондани ҳуқуқ ва уҳдадории иштирокчиёни мурофиа дарҷ карда намешавад. Ваколатномаҳо, рақам, вақти додани ваколатномаи ин ё он намояндаи мақомотҳо, ки дар маҷлиси судӣ иштирок доранд, нишон дода нашудааст.

Мисол: парвандаи граждани аз рӯи даъвои Қ.Х. дар намояндагии С.Ҳ. нисбати Д.Д. оиди кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бидуни додани дигар манзили истиқоматӣ ва аризаи даъвогии муқобили даъвои Д.Д. нисбати Қ.Х. ва Қ.М. , шахси сеюм Идораи нотариалии

давлатии шаҳри Б. дар бораи беэътибор донистани шартномаи хариду фурӯши квартира, басташуда эътироф намудани шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ ва моликияти якҷояи зану шавҳар эътироф намудани хонаи истиқоматӣ. Дар парвандаи мазкур намояндаи даъвогар Қ.Х. – С.Ҳ. иштирок кардааст, лекин дар протоколи маҷлиси судӣ рақами ваколатнома ва аз кадом вақт дода шудааст қайд карда нашудааст.

Ҳолатҳое низ ҷой дорад, ки санадҳои судӣ ба иштирокчиёни парванда сари вақт супорида намешаванд.

Мисол: аризаи даъвогии Филиали «А.» нисбати М.М., Б.С., Б.М. ва С.Р., шахси сеюм ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Г. оиди кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бе додани манзили дигар аз ҷониби суди шаҳри Г. баррасӣ гардида, 11 феврали соли 2021 ҳалнома эълон гардидааст. Аз маводи парванда бармеояд, ки ҳалнома ба пуррагӣ эълон гардида бошад ҳам, аммо нусхаи асосноки он ба иштирокчиёни парванда санаи 26 марти соли 2021 ирсол карда шуда, суд баҳри сари вақт дастрас гардидани он ба иштирокчиёни парванда чораҳои дахлдор наандешидааст.

Ё ин ки аризаи даъвогии М.М.М. нисбати Ш.З., С.Д. ва Ш.С. дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ аз тарафи суди ноҳияи Ф. баррасӣ гардида, 08 октябри соли 2021 ҳалнома эълон гардидааст. Аз маводи парванда бармеояд, ки нусхаи ҳалнома ба ҷавобгарон 03 ноябри соли 2021 супорида шудааст.

Тибқи талаботи қисми 6 моддаи 134 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи даъвогиро даъвогар ё намояндаи ӯ, ки барои имзои ариза ва пешниҳоди он ба суд ваколатдор мебошад, имзо мекунад. Агар даъвогар шахси ҳуқуқӣ бошад, имзо бо муҳри шахси ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад.

Омӯзиши парвандаҳои мазкур нишон дод, ки судяҳо на дар ҳамаи ҳолатҳо қонуни мазкурро риоя мекунанд.

Мисол: Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Б.” нисбат ба М.Л.Б. дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ ба суд бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намудааст, аммо ҷамъият бо муҳр аризаи мазкурро тасдиқ накардааст. Судя ба ин нигоҳ накарда аризаи даъвогиро ба баррасии суд қабул намуда, парвандаи гражданӣ оғоз намуда, моҳиятан баррасӣ шудааст.

Ё парвандаи гражданӣ бо даъвои ҶДММ “П.П.” ба ҷавобгарии Н.Л. дар бораи кӯчонидан аз квартираи истиқоматӣ бо додани квартира дар бинои бунёдшаванда, бо пардохти иҷорапулӣ дар давоми давраи сохтмон.

Аризаи даъвогиро намояндаи ваколатдори ҶДММ “П.П.” Т.А.С. имзо кардааст, аммо аризаи даъвогӣ бо муҳр тасдиқ карда нашудааст. Судя аризаи даъвогиро қабул намуда, парванда оғоз намудааст.

Тибқи талаботи сархати 3, кисми 1 моддаи 225 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд баррасии парвандаро дар ҳолате, ки даъвогар аз даъво даст кашида бошад ва суд онро қабул карда бошад, қатъ менамояд.

Мутобиқи моддаи 176 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси даст кашидани даъвогар аз даъво ба суд аризаи хаттӣ пешниҳод карда мешавад, ки он дар протоколи маҷлиси судӣ зикр мегардад.

Суд ба даъвогар оқибатҳои даст кашидан аз даъво тавзеҳ дода, аз ӯ дастхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад.

Аммо ин талаботи қонун аз ҷониби судяҳо на ҳама вақт риоя карда мешавад.

Мисол: Баррасии парвандаи гражданӣ бо даъвои ҶДММ “П.П.” нисбати Н.Л. дар бораи кӯчонидан аз квартираи истиқоматӣ бо додани квартира дар бинои

бунёдшаванда бо пардохти иҷорапулӣ дар давоми даврai сохтмон.

Аз маводи парванда бармеояд, ки намояндаи ҶДММ “П.П.” бо аризаи хаттӣ ба суд муроҷиат намуда, хоҳиш кардааст, ки баррасии парванда бо сабаби созиши тарафҳо қатъ карда шавад.

Бо таъиноти суди ноҳияи Ш. аз 16 феврали соли 2021 аз даъво даст кашидани даъвогар қабул карда шуда, баррасии парвандаи мазкур қатъ карда шудааст.

Аммо суд ба даъвогар оқибатҳои аз даъво даст кашиданро тавзеҳ надода, дастхат гирифта нашудааст.

Чунин камбуди оид ба парвандаи гражданӣ бо даъвои ҶДММ “П.П.” нисбати Р.С.Б. дар бораи кӯчонидан аз квартираи истиқоматӣ бо додани квартира дар бинои бунёдшаванда бо пардохти иҷорапулӣ дар давоми даврai сохтмон, ба чашм мерасад. Бо таъиноти суди ноҳияи Ш. аз 12 феврали соли 2021 аз даъво даст кашидани даъвогар қабул карда шуда, баррасии парванда қатъ карда шудааст.

Ё парвандаи гражданӣ бо даъвои Ширкати “С.” ба ҷавобгарии С.Н. дар бораи кӯчонидан аз квартираи истиқоматӣ бо додани квартира дар бинои бунёдшаванда. Бо таъиноти суди ноҳияи Ш. аз 01 декабри соли 2021 аз даъво даст кашидани намояндаи ваколатдори даъвогар қабул карда шуда, баррасии парванда қатъ карда шудааст. Аммо аз ҷониби судя ба даъвогар оқибатҳои аз даъво даст кашиданро тавзеҳ надода, дастхат гирифта нашудааст. Дар протоколи маҷлиси судӣ шахсияти даъвогар қайд карда нашудааст.

Тибқи талаботи моддаи 150 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон судя баъди қабули ариза ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад ва амалеро, ки тарафҳо, шахсони дигари иштирокчии парванда бояд анҷом диҳанд, муҳлати иҷрои ин амалҳоро

барои таъмини баррасии саривақтии парванда ва ҳалли дурусти он зикр менамояд.

Омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ нисбат ба ҳар як парвандаи гражданӣ ҳатмӣ буда, аз ҷониби судя бо иштироки шахсони иштирокчии парванда ва намояндагони онҳо анҷом дода мешавад.

Ин талаботи қонун на ҳама вақт аз ҷониби судяҳо риоя карда мешавад.

Мисол: Парвандаи гражданӣ бо даъвои О.Р.С. дар намояндагии О.С.Б. ба ҷавобгарии Ғафуров С.А. дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бе додани дигар манзили истиқоматӣ, даъвои муқобили даъвои Ғ.С.А. дар намояндагии Ғ.С.П. нисбати О.Р.С. дар намояндагии О.С.Б. дар бораи рӯёнидани маблағи қарз.

Аз маводҳои парванда бармеояд, ки даъвогар О.Р. дар намояндагии О.С. нисбати Ғ.С.А. дар бораи кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намуда, пурсидааст, ки ҷавобгар Ғ.С.А. бо дигар шахсони ҳамроҳаш истиқоматдошта аз манзили истиқоматӣ ӯ, воқеъ дар ноҳияи Р. бе додани дигар манзили истиқоматӣ кӯчонида шаванд.

Суди марҳилаи якум дигар шахсони бо ҳамроҳии Ғ.С.А. истиқоматдоштаро муайян накарда, шахсони ба балоғат расидаро ба кор ҷалб накарда, парвандаро моҳиятан баррасӣ кардааст.

Аз маводҳои парванда дида мешавад, ки дар ҳамин манзили баҳсӣ Н.Т.С. соли таваллудаш 1984 бо модараш истиқомат карда истода, ихтиёран манзили истиқоматиро холӣ карда намехоҳанд. Суди марҳилаи якум Н.Т.С.-ро ба сифати шоҳид пурсидааст. Аз баёноти шоҳид дида мешавад, ки онҳо манзили истиқоматиро холӣ намекунанд, то даъвогар О.С. ба онҳо 15 000 доллари ИМА-ро барнагардонад.

Бо ҳалномаи суди ноҳияи Р. аз 20 апрели соли 2021 даъвои О.Р.С. дар намояндагии О.С.Б. қонеъ карда шуда, ҷавобгар Ғафуров С.А. бо дигар шахсони ҳамроҳаш истиқоматдошта аз манзили истиқоматии О.Р. воқеъ дар ноҳияи Р. бе додани дигар манзили истиқоматӣ кӯчонида шудаанд.

Аризаи даъвогии муқобили даъвои О.Р.С. қонеъ карда шуда, аз ҳисоби О.Р.С. ба фоидаи Ғ.С.А. маблағи қарз ба андозаи 15000 доллари ИМА мутаносибан бо асъори миллӣ рӯёнида шудааст.

Суди марҳилаи якум Н.Т.С. ва модарашро ба кор ҷалб накарда, парвандаро моҳиятан баррасӣ кардааст.

Оид ба натиҷаи ҷамъбастии мазкур пешниҳод карда шудааст, ки он ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маълумот ва корбарӣ расонида шуда, то ҳангоми баррасии баҳсҳои мазкур қонунҳои моддӣ, мурофиавӣ ва қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии риоя гардида, санадҳои қонунию асоснок қабул карда шавад.

Ҷамъбастии мазкур дар нашрияи Суди Олӣ ба чоп расонида шавад.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои граждании Суди Олӣ**

**Қодирзода Т.Қ.,**
**раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ САМАРАНОКИИ ТАТБИҚИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СУДҲО

Ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ин ё он муносибати одамонро нисбат ба худ ба вуқуъ меоварад, ки метавонад мусбат (шахс зарурият ва арзиши ҳуқуқро дарк мекунад) ё манфӣ (шахс ҳуқуқро бефоида ва нолозим мешуморад) бошад. Инсон ба ҳар ҳол ба ҳуқуқи гузашта, ба ҳуқуқе, ки айни замон мавҷуд аст ва ба ҳуқуқе, ки дар оянда онро дидан мехоҳад, муносибате дорад.

Тағйиротҳое, ки дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии фаъолияти ҳаётии ҷомеа ба амал меоянд, ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, ки асоси он афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, такмили институтҳои демократии ҳокимият, коркарди низоми ҳамкории ҳокимият ва ҷамъият мебошад, нигаронида шудааст.

Дар баробари ин, имконияти ташаккули давлати ҳуқуқбунёд бевосита ба сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон алоқамандӣ дорад. Доир ба ин, тадқиқотҳое, ки ба ҷустуҷӯи воситаҳои муосири таъсиррасонӣ ба раванди (ҷараёни) ташаккули шуури ҳуқуқии шахс дар марҳилаҳои гуногуни синну солии инкишофи ӯ, бахусус наврасону ҷавонон ҳамчун дорои тамоми заминаҳои сифатии зарурӣ барои ба амал

баровардани таъсири педагогӣ нигаронида шудааст, бешубҳа рӯзмарра мегарданд.

Чунон ки маълум аст, то соли 1917 на танҳо мафҳуми ягонаи «шуури ҳуқуқӣ», балки он падидаҳое, ки дар илми муосир ба соҳаи ин мафҳум мансуб буд, арзи вуҷуд надошта, онҳо асосан аҳамияти амалӣ доштанд. Ба сифати синоним чунин истилоҳот ба мисли «эътиқод ба ҳуқуқ», «тафаккури ҳуқуқӣ», «қабули ҳуқуқ» истифода мешуданд.

Солҳои 1920—1930 асарҳои намояндагони сохти нави давлатӣ П.И. Стучка[1] ва дигарон пайдо шуданд, ки дар онҳо шуури ҳуқуқии насли «нав» ҳамчун инқилобӣ ва бевосита бо фаъолияти Давлати Шӯравӣ зич алоқаманд буда муайян карда шудааст. Тадқиқотчиёни давраи ташаккули ҳуқуқи шӯравӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи сотсиалистӣ ва амалияи татбиқи онҳо гуногун арзёбӣ баён карда, хусусияти синфии мафҳуми «шуури ҳуқуқиро» муайян карданд. Аммо дар баробари ин раванди ташаккули шуури ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа ва хусусиятҳои хоси он умуман мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Амалан ягона шахсе, ки дар ҳамон давра ба масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқии насли наврас рӯ овард А.С. Макаренко[2] мебошад, ки назарияи «муттаҳидшавии ҳуқуқи оддӣ ва педагогикаи муқаррарӣ»-ро кор карда баромада, дар он «зарурияти тарбияи табиати махсуси шахс тавассути таъсири ҳуқуқӣ»-ро асоснок кардааст.

Давраи солҳои 1930—1950 бо тағйир ёфтани афзалиятҳои илмӣ ва рӯ овардани илм ба масъалаҳои рӯзмарраи он замон хос аст. Дар ҳамон давра ҳамагӣ чанд

---

[1] Ниг.: Стучка П.И. Революционная роль права и государства. Общее учение о праве. М., 1924.

[2] Ниг.: Макаренко А.С. Лекции о воспитании детей / Собр. соч.: в 7 т. М., 1957. Т. 4. С. 361-367.

асаре нашр шуда буд, ки бо мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» алоқамандӣ дошт.

Сарфи назар аз идеологизатсияи аз ҳад зиёди масъалаи мазкур, маҳз дар ҳамин давра олимон ба ҷудо кардани хусусиятҳои дарки ҳуқуқ аз ҷониби гурӯҳҳои тибқи синну сол ё ҷинс муттаҳидшуда, инчунин якрангии иҷтимоӣ рӯ оварданд. Дар ҳамин давра таваҷҷӯҳ ба қонунӣ будани рафтори наврасон ва вобастагии дараҷаи қонуният аз дарки падидаҳои ҳуқуқӣ пайдо шуд. Дар асарҳои М.П. Карева[3] бори аввал тезис дар бораи ҳамвобастагии шуури ҳуқуқӣ ва рафтори одамон баён гардид, ҳамзамон вазифаи танзимкунанда ба аввал нисбат ба дуюм дода шудааст.

Дар нимаи дуюми солҳои 50-ум асарҳо оид ба психологияи ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, ки дар онҳо кӯшишҳои нахустин барои ҷустуҷӯи асоси эҳсосӣ ва ҳиссиёт дар сохтори мураккаби шуури ҳуқуқии инсон сурат гирифтанд.

Аз соли 1960 инҷониб тадқиқотчиён ба таҳлили унсурҳои алоҳидаи шуури ҳуқуқӣ, вазифаҳои он, инчунин сабабҳои деформатсияи (дигаргуншавии) шуури ҳуқуқӣ рӯ оварданд.

И.Ф. Покровский[4] дар асарҳои худ сарчашмаҳои фаъолии шуур ва механизмҳои ташаккули онҳо, дараҷаи таъсири омилҳои берунаро ба ҷараёни ташаккули шуури ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор додаст. И.Е. Фарбер[5] сохтори шуури ҳуқуқиро аз нуқтаи назари муайян кардани

---

[3] Ниг.: Карева М П. О соотношении права и нравственности в социалистическом обществе// Большевик, 1947, № 4. С. 47-53.

[4] Ниг.: Покровский И.Ф. Формирование правового сознания личности (вопросы теории и практики). Л., 1972.

[5] Ниг.: Фарбер И.Е. Правовое сознание как форма общественного сознания. М., 1963.

алоқамандӣ ва ҳамкории психология ва идеологияи ҳуқуқӣ таҳлил кардааст.

Солҳои 1970-ум аз ҷониби мақомотҳои ВКД ИҶСШ тадқиқотҳои васеъ, ки бо таҳлили сатҳи шуури ҳуқуқии ташаккулёфтаи гурӯҳу категорияҳои алоҳидаи одамон алоқаманд аст, гузаронида шудаст. Бо ин мақсад саволномаҳо, таҳлили матбуот, адабиёти ҳуқуқшиносӣ, пурсишҳо гузаронида мешуданд. Аксари маводҳо барои истифодаи хидматӣ нашр шуда, аммо натиҷаҳои ин таҳқиқотҳо дар коркарди минбаъдаи масъалаи мазкур нақши муҳимро бозиданд[6].

Солҳои 1980—1990 таваҷҷӯҳ нисбат ба проблемаи шуури ҳуқуқӣ тадриҷан суст мешавад, ки он бо дигаргуниҳои нави куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат муайян карда шуд. Тағйири сохти сиёсӣ, тақсимнопазирии қаламрав, услуби идоракунии иқтисодиёти давлат, зарурати ҳаллу фасли дигар масъалаҳоро дар нақши аввал ба миён гузошт.

Миёнаи солҳои 1990-ум дар як вақт тадқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ оғоз меёбанд, ки ба таҷдиди назари нави мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» дар фазои нави ҷаҳонӣ ва дохили давлат равона карда шуданд. Дар баъзе давлатҳо бахшҳои нахустини фанни ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи инсон ташкил карда мешаванд, ки мақсади асосии онҳо ташаккули шуури нави ҳуқуқӣ — демократӣ мебошад.

Табиист, ки илми «муқарарӣ» оид ба мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» чун пештара ҳуқуқшиносӣ мебошад. Мафҳуми онро дар аксари китобҳои дарсӣ оид ба назарияи давлат ва ҳуқуқ пайдо кардан мумкин аст, онро мутахассисони соҳаи криминология ҳангоми таҳлили детерминизми ҷиноятҳо истифода мебаранд:-»Шуури

[6]https://cyberleninka.ru › article › ponyatie-pravos...(дата обращения 15.11.2021г.).

ҳуқуқӣ категорияи назарияи давлату ҳуқуқ ва криминология буда, маънои соҳаи шуури гурӯҳӣ, иҷтимоӣ ва фардӣ, ки падидаҳои дорои аҳамияти ҳуқуқиро инъикос дода, бо арзишҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, таасурот дар бораи тартиботи ҳуқуқии дуруст асоснок карда шудааст. Шуури ҳуқуқӣ бо шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, анъанаҳои фарҳангӣ-ҳуқуқӣ, демократӣ ё авторитарӣ муайян карда мешавад»[7].

Ба ақидаи Л. Нусратов «...ҳуқуқшиносӣ бештар аз афкори фалсафӣ дар таҳияи муқароротҳои алоҳидаи назарияи шуури ҳуқуқӣ вобаста аст. Зеро, маҳз дар доираи фалсафа, хеле пеш аз он ки илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчун як илми соҳаи мустақил мустаҳкам гардид, масъалаҳое, ки айни замон ба назарияи шуури ҳуқуқӣ мансубанд, мавриди тадқиқот қарор гирифтанд»[8].

Дар ҳуқуқшиносии муосири ватанӣ фалсафаи шуури ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Баъзе проблемаҳои шуури ҳуқуқӣ дар фалсафаи ҳуқуқ, ки дар доираи он ғояи шуури ҳуқуқӣ бештар бо идеяи ҳуқуқ иваз карда мешавад баррасӣ мешаванд.

Ҳуқуқшиноси рус И. Илин шуури ҳуқуқиро ҳамчун маҷмӯи ақидаҳо оид ба ҳуқуқ, давлат, тамоми ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ мешуморид. Масалан, ӯ ба ақида буд, ки шакли идоракунӣ дар давлат, пеш аз ҳама бо шуури ҳуқуқии монархӣ ё республикавӣ (ҷумҳуриявӣ) муайян карда мешавад. И.А. Илин қайд мекард, ки инсон бе шуури ҳуқуқӣ бо худсарии худ зиндагӣ намуда, ба худсарии дигарон тоқат мекунад.[9].

---

[7] Ниг.: Большой юридический словарь / Под ред. А. Я.Сухарева, В. Е.Крутских. М.: ИНФРА - М, 2000. С. 468.

[8] Ниг.: Нусратов Л.М. Проблемы формирования правосознания в современном Таджикистане (теоретико-методологические аспекты). Душанбе: Изд. «Дониш», 2012. – С. 21.

[9]Муфассал ниг.: Ильин И.А. О сущности правосознания. М.: 1993. 235с.

Дар адабиёти илми муосир қайд карда мешавад, ки ҳамаи шаклҳои шуури ҷамъиятӣ меъёрӣ мебошанд, яъне онҳо ба шуури фардии инсон таъсир расонида, дар назди ӯ масъалаи интихоби варианти рафторро мегузоранд[10].

Маънои идеяи ҳуқуқи табиӣ (фитрӣ) дар вариантҳои (намудҳои) гуногун аз эътибори он иборат аст, ки дар баробари ҳуқуқи дар давлат аз ҷониби одамон таъсисёфта, яъне ҳуқуқи мусбат, боз ҳуқуқи табиӣ (фитрӣ) вуҷуд дорад, ки бо худ як падидаи васеътар, асоснок, ибтидоӣ дар ҳаёти одамон буда, сарчашмаи он тартиботи табиии чизҳоро дар ҷамъият, табиат мебошад[11]. Инкишофи шиддатноки ғояҳои ҳуқуқи табиӣ (фитрӣ) дар Россия аз асри XVIII оғоз меёбад[12]. Дар доираи ин таълимот ҳуқуқро ҳамчун қонунҳое мефаҳманд, ки аз «ақли табиии», бармеояд яъне аз шуури ҳуқуқии дорои хислати метафизикӣ, ки болотар аз «ман»-и инсонӣ мебошад (меистад)[13].

Омӯзиши шуури ҳуқуқии касбӣ таваҷҷӯҳи хоса дорад. Баъзе муҳаққиқон зери мафҳуми шуури ҳуқуқии касбӣ мансубияти шуури ҳуқуқиро ба шахс ё гурӯҳи шахсоне мефаҳманд, ки бо намуди муайяни фаъолияти касбӣ машғуланд. Аз ин нуқтаи назар метавон шуури касбии ҳуқуқии духтурон, муаллимон, муҳосибон ва ғайраро ҷудо кард. Аммо ба фикри мо, мавқеи Н. Соколов, ки мувофиқи он шуури ҳуқуқии касбӣ шуури ҳуқуқии адвокатҳо, шахсоне мебошад, ки бо фаъолияти ҳуқуқии

---

[10] Ниг.: Семитко А.П. Правовая культура социалистического общества: сущность, противоречия, прогресс. Свердловск, 1990. - С. 21.

[11] Алексеев, С.С. Теория права / С.С. Алексеев. - М.: Изд-во БЕК, 1995. - С. 118.

[12] Нерсесянц, В.С. Философия права: учебник для вузов / В.С. Нерсесянц. - М.: Норма, 2004. - С. 54.

[13] Ниг.: Малюткин, А.В. Учение о правосознании в юридической мысли России (анализ основных теоретических концепций) / А.В. Малюткин. - Чебоксары, 2004. - С. 30

касбӣ машғуланд, қобили қабул мебошад[14]. Он бо шароит ва омилҳои махсуси ташаккул, дарки амиқтар ва мунтазами низоми ҳуқуқии давлат, таассуроти дақиқ дар бораи тартиботи ҳуқуқии идеалӣ фарқ мекунад.

Дар доираи шуури ҳуқуқии адвокатҳо шуури ҳуқуқии намояндагони касбҳои гуногуни ҳуқуқшиносиро ҷудо кардан мумкин аст, ки дар байни онҳо дар бораи шуури ҳуқуқии судяҳо алоҳида гуфтан лозим аст. Хусусияти касб, мақоми махсус имкон медиҳад, ки хусусиятҳои хоси фаъолият ва ташаккули шуури ҳуқуқии судяро муайян кунем. Шуури ҳуқуқии судя як намуди шуури ҳуқуқии касбӣ мебошад, ки дар робита ва дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ ташаккул меёбад.

Фаъолияти судяҳо аҳамияти ҷамъиятӣ дошта, ҳолати адолати судӣ ва сатҳи низоми ҳуқуқии давлатро инъикос мекунад. Ғайр аз ин, омӯзиши шуури ҳуқуқии судя қисми ҷудонашавандаи таҳлили мураттаби ҷараёни таъини ҷазо мебошад. Тавре ки методологияи дурусти илм барои фаҳмидани моҳияти падидаи мавриди омӯзиш қарордоштаро имкон медиҳад, ҳамчунин таҳқиқи хислатҳои хоси ташаккул ва фаъолияти шуури ҳуқуқии судя имкон медиҳад, ки ба амал баровардани салоҳдиди судӣ ҳангоми таъини ҷазо фаҳмида шавад. Дар ин ҳолат аҳамияти методологии шуури ҳуқуқии судя барои таълимот оид ба таъини ҷазо ифода меёбад.

Татбиқи салоҳияти судя оид ба амал баровардани адолати судӣ аз лаҳзаи ворид гардидани маводи парванда барои баррасӣ то баровардани санади ниҳоии судӣ, бо қонунгузории мурофиавӣ танзим карда мешавад. Шакли мурофиавии фаъолияти судӣ маънои онро надорад, ки ин

---

[14] Ниг.: Соколов, Н.Я. Правосознание юристов: понятие, сущность и содержание / Н.Я. Соколов // Советское государство и право. - 1983. - № 10. - С. 18.

намуди фаъолияти касбиро умуман метавон ҳамчун мурофиавӣ муайян кард. Дидани фаъолияти судӣ танҳо ҳамчун мурофиавӣ метавонад ба тасаввуроти носаҳеҳ (ғалат) дар бораи нақши шуури ҳуқуқии судя - ҳамчун инъикоси фаъолияти мурофиавӣ оварад. Фаъолияти мурофиавии судя, масалан, аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ, шакли татбиқи муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад.

Мақоми махсуси судя, вақте ки ӯ дар як вақт иштирокчии муносибатҳои мурофиавӣ- ҳуқуқии ҷиноятӣ ва мурофиавӣ- ҷиноятӣ мебошад, имкон медиҳад, ки шуури ҳуқуқӣ аз ҳар ду ҷиҳат ба назар гирифта, аз афкори яктарафа канораҷӯӣ карда шавад. Охирин, масалан, дар мавқеи В. Суслов дақиқ ифода меёбад, ки шуури ҳуқуқиро хамчун «шакли инъикоси воқеияти мурофиавию ҳуқуқӣ, хамчун натиҷаи ҷараёни интериоризатсиявӣ-экстериоризатсиявии падидаҳои ҳуқуқӣ дар истеҳолоти судӣ» муайян намуда, таклиф мекунад, ки он яке аз унсурҳои механизми танзими мурофиавӣ – ҷиноятӣ дониста шавад[15].

Ин нуқтаи назар қобили қабул набуда, ба ҳаллу фасли проблемаҳои ҳуқуқи ҷиноятии моддӣ монеа мегардад. Масалан, он имконияти таҳқиқи таъсири шуури ҳуқуқиро ба мазмуни қарори қабулкардаи судя оид ба ҷазо аз руи моҳият истисно мекунад. Илова бар ин, мутобиқи нуқтаи назари мазкур, шуури ҳуқуқӣ танҳо ҳамчун яке аз ҷузъҳои таркибии муносибатҳои мурофиавӣ ба шумор меравад.

Ба ақидаи мо, шуури ҳуқуқиро бояд ҳамчун танзимгари мустақили фаъолияти судя ва умуман ҳар як фаъолияти инсон, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамият дорад, дониста шавад. Шуури ҳуқуқӣ мансубияти соҳавӣ надорад,

[15] Суслов, В.А. Правосознание в уголовном процессе / В.А. Суслов. - Владивосток, 2000. - С. 51-52.

балки бо хусусиятҳои хоси ба амалбарории он дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ тавсиф карда мешавад.

Муносибати пешниҳодшуда муҳаққиқро маҳдуд накарда, имкон медиҳад аҳамияти шуури ҳуқуқиро дар ҳама гуна соҳаҳои ҳуқуқ, барои қарорҳои сершумори судя ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, аз ҷумла ҳангоми ҷараёни таъини ҷазо ба назар гирифта шава дида бароянд.

Фаъолияти судяро метавон ҳамчун таъсири мутақобилаи унсурҳои гуногун тассавур кард. Маҷмӯи муайяни ҳолатҳои парвандаи мавриди баррасӣ қароргирифта, мулоҳизаҳо ва хулосаҳои судя боиси анҷом додани амалҳои муайян (қабули қарор) мегарданд, ки дар навбати худ сабаби амалиётҳои минбаъда мешаванд.

Ҳар як таъсири мутақобила мавҷудияти асоси муайяни низомро пешбинӣ менамояд, ки он нисбатан бетағйир монда, ягонагии системаро нигоҳ медорад ва ҳамзамон асоси эҷодии таҳаввулоти низом мебошад.

Чунин асос (мағз) дар низоми мавриди баррасӣ қарор додашуда шуури ҳуқуқии судя мебошад. Он дар ҷараёни ҳаёт ба шарофати дониш ва таҷрибаи нав ба даст овардашуда тағйир меёбад, аммо ҳамзамон шуури ҳуқуқии шахси мушаххас мемонад. Чунин маънои шуури ҳуқуқӣ изҳори С. Левитскийро дар бораи моҳияти (субстантсионалии) шахсият хеле хуб инъикос медиҳад: «Ман тадриҷан тағйир меёбам, аммо ҳамзамон ҳамон ҳастам»[16].

Шуури ҳуқуқӣ ба рафтори татбиқкунандаи ҳуқуқ ҳам бевосита ва ҳам бавосита тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Равиши мулоҳизаҳои судяе, ки ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда намуди ҷазоро интихоб

[16] Левицкий, С.А. Трагедия свободы / С.А. Левицкий. - М.: Канон, 1995. - С. 56-57.

намуда, муҳлат ё андозаи аниқи ҷазоро муайян мекунад бо дарназардошти иҷозати қонун оид ба татбиқи ҳудуди боло ва поёни ҷазо, ба дониши низомии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои хоси ҷиноят ва судшаванда, дарк кардани сиёсати ҷиноятии давлат, нақши ҷазо ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои дар қонун гузошташуда асос меёбад.

Ҳуқуқ маҷмӯи қоидаҳои рафтори (меъёрҳои) умумии хатмии аз ҷониби давлат муқаррар ё ичозат додашуда мебошад, ки риояи онҳо бо чораҳои таъсиррасонии давлатӣ таъмин карда мешавад.

Ҳамин тариқ, натиҷаи таъсири бевоситаи шуури ҳуқуқӣ метавонад пурқувват ё суст шудани таъсири меъёри ҳуқуқӣ ба рафтори судя бошад. Агар талаботи меъёри ҳуқуқӣ ва дастури ҳуқуқии татбиқкунанда ҳуқуқ ба ҳам мувофиқат кунанд, он гоҳ таъсир зиёд мешавад ва агар талаботи ҳуқуқӣ ва самтхои арзишии субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ мухолиф бошанд, он гоҳ таъсир суст мегардад.

Бо дарназардошти чунин таъсир метавон дар асоси таҳлили таҷрибаи судӣ муайян кард, ки кадом муқаррароти қонун ба воқеияти муосир мувофиқат мекунад ва бо таассуроти татбиққунандагони ҳуқуқ мувофиқат мекунад ва кадоме аз онҳо бояд такмил дода шавад.

Дар аксари онҳо таваҷҷӯҳ ба як намуди муайяни системаи дониш зоҳир мегардад, яъне шуури ҳуқуқӣ ҳамчун «маҷмӯи ақидаҳо, ғояҳое, ки муносибати одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳоро нисбат ба ҳуқуқ, қонуният, адолати судӣ, таассуроти онҳо дар хусуси он ки чӣ қонунӣ ва чӣ ғайриқонунӣ мебошад, возеҳу равшан мегардонад»[17].

---

[17] Философский энциклопедический словарь. - М., 1983. - С. 521.

Ба ақидаи А.Спиркин, «шуури ҳуқуқӣ ин таассурот ва мафҳумҳоест, ки муносибати одамонро нисбат ба қонуни (ҳуқуқи) амалкунанда, донистани меъёр дар рафтори одамон аз нигоҳи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ифода мекунанд; ин назарияҳои ҳуқуқӣ, идеологияи ҳуқуқӣ мебошанд»[18]. Дар доираи ин равиш шуури ҳуқуқӣ ифодаи идеологии муносибатҳои объективии ҷамъиятӣ буда, дар навбати худ муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии дар ҷамъият ҳукмронро инъикос менамояд.

Ҳуқуқ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ таъсир мерасонад ва охирин бошад дар ҳуқуқ ва адолати судӣ амалӣ мегардад. Дар ин гуна мафҳумҳо, дар маҷмуъ, таассуроти дуруст дар бораи шуури ҳуқуқӣ дода мешавад. Аммо ин таассурот, аввалан, пешакӣ ва нопурра бошад, дуввум дар шуури ҳуқуқӣ чизи аз ҳама муҳимро дарбар намегирад. Шуури ҳуқуқӣ на танҳо инъикоси рӯҳ дар шуури инфиродӣ ва хусусиятҳои хоси қонунҳои дар ҷомеа амалкунанда мебошад, балки он қонунҳои (ва институтҳои) амалкунандаро аз нуқтаи назари адолати инфиродӣ, ки барои оммаи хеле калони одамон аҳамияти амиқи ҳаётӣ пайдо кардааст, фаъолона, эҷодкорона ислоҳ ва танқид мекунад. Дар партави мафҳуми давлати ҳуқуқбунёд, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ эътирофи васеъ пайдо кардааст, Е.Соловёв тавсифи шуури ҳуқуқиро дар ягонагии вазифаҳои маърифатӣ, баҳодиҳӣ-танқидӣ ва танзимкунандаи он пешкаш менамояд.

«Шуури ҳуқуқӣ ин самт ба идеали давлати ҳуқуқбунёд мебошад, ки хусусияти бечуночаро дорад ва аллакай дар айни замон рафтори амалии шахсро ҳамчун шаҳрванд муайян мекунад. Ин маънои онро дорад, ки гарчанде то ҳол давлати ҳуқуқбунёд вуҷуд надошта бошад ҳам, инсон ҳамон тавр зиндагӣ мекунад, ки гӯё он таъсис

---

[18] Спиркин А.Г. Философия. - М., 1998. - С. 722-723.

ёфтааст. Ӯ ба души худ ухдадорӣ оиди риоя кардани чунин дастурҳо (ё ҳадди аққал эъломияҳо), ки ба мафҳумҳои соҳибихтиёрӣ, ҳуқуқ мувофиқат мекунанд вогузор мекунад ва итоат карданро ба чунин дастурҳо, ки дорои пешбурди ошкоро ғайриқонунии (патерналистӣ ва авторитарӣ бюрократӣ) корҳои давлатӣ мебошад, рад мекунад»[19].

Чунин тавсиф шаҳодати он аст, ки дар шуури ҳуқуқӣ на муайянкунии гузашта (фаъолияти, муносибатҳои воқеӣ), балки муайянкунии оянда ба воситаи ҳолат ва сохти шуури дилхоҳ бартарӣ дорад. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун шакли шуур ва ҷаҳонбинӣ дар ҷараёни иҷтимоишавии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, сохтори мураккаб дорад.

Низоми иҷтимоишавии ҳуқуқӣ дар ҷомеа дар якчанд сатҳ амал карда, муносибати шахсро нисбат ба ҳуқуқ муайян месозад. Дар сатҳи иҷтимоӣ низоми ҳуқуқӣ ба фард тавассути намоиши эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва қонун аз ҷониби ҳокимияти расмӣ таъсир мерасонад.

Дар баробари ин дар ҷомеа анъанаҳои миллӣ, таҷрибаи таърихии наслҳои гузашта вуҷуд доранд, ки рафтору фаъолияти инсонро дар муҳити иҷтимоӣ муайян мекунанд. Дар сатҳи шахсӣ нусхабардории бешууронаи арзишҳои асосии ҳуқуқ бартарӣ доранд, ки ба шахс имкон медиҳанд худро бо фарҳанг ва ҷомеаи муайян баробар (ҳаммонанд) кунад. Механизми дохилишахсии ҷамъиятикунонии ҳуқуқӣ инҳоро дар бар мегирад: ниёзҳо, манфиатҳо, самтҳои арзишӣ, худшиносӣ (асосҳо, дастурҳо, мақсадҳо). Дар адабиёти фалсафа шаклҳои институтсионалӣ ва ғайриинститутсионалии ҳастии шуури ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд.

Шакли институтсионалии ҳастии шуури ҳуқуқӣ, ки дар шакли ҳуҷҷатҳо вуҷуд дорад, шакли раванди зиндаи

---

[19] Соловьев Э.Ю. И. Кант: Взаимодополнительность морали и права. М., 1993. - С. 189-190.

тафаккури ҳуқуқшиносони касбӣ буда, ба меъёри умумии ҳатмӣ мувофиқат мекунад ва ба он ҳамчун меъёри дурустӣ, қонунӣ будани фикру ақидаҳою қарорҳо итоат мекунад; ин соҳаи «муқаррароти қонунӣ», «қонуни ҳуқуқӣ», «ҳуқуқи амалкунанда» мебошад. Шакли ғайриинститутсионалии ҳастии шуури ҳуқуқӣ ё шакли ғайриҳуҷҷатӣ ва ғайрирасмии тафаккур, ирода ва эҳсосоти ҳуқуқӣ дар шакли раванди зинда ё амали шуур дар шакли «ғайримоддӣ» вуҷуд дошта дар шакли хаттӣ (асарҳои назариявӣ, бадеӣ, ҳуҷҷатҳои шахсӣ) бо санаи гузашта сабт шудааст, мебошад.[20].

Дар навбати худ, аз рӯи тарзи тафаккур соҳаи охирин ба ду намуд ҷудо карда мешавад: а) шуури оддии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла таассурот, эҳсосот ва ифодаи иродаи оммаи мардум, муносибати субъективии онҳо нисбат ба ҳуқуқи амалкунанда; дониш дар бораи қонунҳои мавҷуда ва арзёбии онҳо, эътиқод ба қонунӣ ё ғайриқонунии амалҳои судӣ, ба адолат ё беадолатии худи қонунҳо; ин соҳа афкори оммаи ҷамъиятиро дар атрофи ҳуқӯқи амалкунанда ташаккул медиҳад, онро ҷонибдорӣ ва ё тағйир додани онро талаб мекунад. Шакли мазкури адолати судӣ тафаккури ҳуқуқиро дар бар мегирад: зинаҳои поёнии психологияи ҷамъиятӣ ва фардӣ, ки аксаран лаҳвона (стихиявӣ), бенизом ташаккул меёбанд.

Дар он унсурҳои пешбаранда шаклҳои консептуалӣ, рамзии ифодаи ҳақиқат нею, балки ҳиссиёт ва эҳсосот мебошанд; б) шуури ҳуқуқии назариявӣ, ки ба он «доктринаҳо»-и ҳуқуқии аз ҷониби назариячиёни ҳуқуқ эҷодгардида, инчунин муҳокимаи масъалаҳои оид ба ҳуқуқ, қонуният, адлу адолат, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафайни ҷамъият ва шахс, дар бораи институтҳои асосии

---

[20] Ниг.: Желтова В.П., Дробницкий О.Г. Философия и правосознание // Философия и ценностные формы сознания. - М., 1978. — С. 158-161.

қонунгузорӣ дар асархои гуманитариён мансуд мебошанд[21].

Ҳамин тариқ, дар фаъолияти судя меъёри ҳуқуқ устувории умумии қабули қарорро дар бораи таъини ҷазо таъмин намуда, қоида ва чаҳорчӯбаҳоеро, ки дар онҳо имконияти интихоб мавҷуд аст, мустаҳкам мекунад. Агар меъёри ҳуқуқӣ асоси ҳуқуқӣ барои қабули қарор бошад, пас шуури ҳуқуқӣ асоси методологии ҷараёни таъини ҷазо ё қабули карор аз руи парванда мегардад. Он хусусияти идрокии кори судиро муайян мекунад. Шуури ҳуқуқии судя ба интихоби намуди ҷазо, ки ба вазнинии ҷинояти содиршуда ва шахсияти гунаҳкор мувофиқ аст, инчунин ба интихоби меъёри ҳуқуқ барои қабули қарор оид ба дигар парвандаҳо бевосита таъсир мерасонад.

Ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад, ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва пеш аз ҳама, ба ҷанбаҳои ҳуқуқии мақомоти судӣ таъсири куллӣ мерасонад. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ мақсаднок, пайгирона ва амиқ ба амал бароварда шуда истода, ба дигаргуниҳои демократӣ дар ҷомеаи навини мо мусоидат менамояд.

Ҷиҳати дар амал воқеан ташаккул ёфтани ҳокимияти судӣ ҳамчун неруи бонуфуз ва муътабар тадқиқотҳои назариявӣ-илмӣ запруранд, то тавонанд мақсадҳои ислоҳоти судӣ, ки барои таъсиси ҳокимияти судӣ дар механизми давлатӣ ҳамчун қувваи мустақил, таъсирбахш ва боэътимод равона шудааст, асоснок созанд.

Проблемаи шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ аз ҷиҳати назария ва амалия яке аз мушкилтарин ва мубрамтарин ба ҳисоб рафта, аҳамиятнок ва ҷолиби таваҷҷӯҳ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ мебошад.

---

21 Ниг.: Желтова В.П., Дробницкий О.Г. Философия и правосознание // Философия и ценностные формы сознания. - М., 1978. — С. 158-161.

Татбиқи ҳуқуқии судӣ ҷузъ ва такягоҳи ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ба шумор меравад. Бидуни татбиқи ҳуқуқӣ аз ҷониби суд, ки танзимгари давлатии муносибатҳои ҷамъиятӣ, муҳимтарин воситаи рушду инкишофи ҷамъият ба ҳисоб меравад, тасаввур намудан имконнопазир мебошад.

Дар шароити муосири дигаргуниҳои куллии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дигар тағйиротҳои ҷиддӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд, нақши суд, огоҳи шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ махсусан меафзояд. Амалан тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бо материяҳои ҳуқуқӣ, ки ба танзими робитаҳои иҷтимоӣ, ҳавасмандгардонии муносибатҳои пешқадам, пешгирии падидаҳои манфии иҷтимоӣ ё рафъи онҳо, таъмини ноил шудан ба вазифаҳо ва ҳадафҳои ба миён гузоштаи давлат нигаронида шудааст, фаро гирифта шудаанд. Дар он ҷое, ки алоқамандии иштирокчиёни ин муносибатҳои гуногунпаҳлӯи чамъиятӣ бо ҳуқуқ асос ёфтааст, муносибатҳои ҳуқуқӣ пайваста фаро мерасанд, тағйир меёбанд, қатъ мегарданд ва аз нав ба вуҷуд меоянд. Ва дар он ҷое, ки барои таҳлили ҳуқуқии муносибатҳои мураккаби инсонӣ зарур мегардад, шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ ба ҳамон соҳаи фаъолияти давлатӣ табдил меёбад, ки имкон медиҳад ба муносибатҳои ҳуқуқии фарорасида на танҳо баҳои ҳуқуқӣ дод, на танҳо ин ё он баҳсро моҳиятан баррасӣ намуд, балки мутобиқи хислатҳои хосӣ худ рушди минбаъдаи муносибатҳою алоқаҳои мушаххасро ба самти пешравӣ ҳидоят кард.

Маълум аст, ки проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ таваҷҷӯҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб кардааст. Он дар асарҳои ҳам мутахассисон оид ба назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ва ҳам фанҳои ҳуқуқии

соҳавӣ мавриди коркарди муфассал ва ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Аммо ба истиснои баъзе ҳолатҳо қисми асосии асарҳо оид ба масъалаҳои ба миёномада даҳсолаҳо пеш аз ин интишор ёфтаанд ва мафҳуми онҳо асосан дарки назариявии проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва умуман татбиқи ҳуқуқро дар бар мегирад. Ҷиҳати шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ бошад, онҳо дар адабиёти махсус ё ин ки бо алоқамандӣ бо мавзӯи тадқиқоти мушаххас ё ин ки ҳамун маводи ашёӣ ба таҳлили масъалаҳои умумии татбиқи ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Ҳамзамон таваҷҷӯҳ алалхусус ба паҳлуҳои алоҳидаи проблемаи мазкур зоҳир мегардид.

Дар натиҷа то айни замон дар доираи назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ фарогирии ҳаматарафаи проблемаи шуури ҳуқуқии судӣ арзи вуҷуд надошт. Доир ба назарияи ҳуқуқ монография, ки махсус ба омӯзиши шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ бо назардошти дастовардҳои афкори муосири илмӣ-ҳуқуқӣ ва ҷамъбасти таҷрибаи ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама судӣ бахшида шудааст, вуҷуд надорад.

Дар Тоҷикистон оид ба назарияи ҳуқуқ се рисолаи номзадӣ ҳимоя карда шудааст: Нусратов Л.М. «Проблемаҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони муосир (ҷанбаҳои назария ва методология)», 2008, Насков Д.С. «Ҷанбаҳои назариявӣ ва омилҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият» дар соли 2021 ва оид ба татбиқи ҳуқуқи судӣ рисолаи Ғоибов Р.Д. «Татбиқи ҳуқуқии судӣ дар заминаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон дар давраи паст аз шӯравӣ: ҷанбаи умумии назариявӣ», 2012 ва соли 2014 рисолаи доктории Э.Насурдинов дар мавзӯи «Ташаккули фарҳанги (маданияти) ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар шароити амиқтар шудани фарқиятҳои фарҳангӣ ва тамаддун: мушкилоти назария ва амалия».

Дар солҳои охир таҳаввулоти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷамъ шудани маводи фаровони таҷрибавӣ гардида, масъалаҳои навро ба миён гузошт, ки онҳо ба илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла ҳуқуқшиносӣ ва қабл аз ҳама ба назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ мансуб мебошанд.

Илова бар ин, сарфи назар аз таҳрезии муфассали проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ, баъзе масъалаҳо мавриди баҳсу мунозира қарор гирифта, камбудиҳо, тадқиқотҳои нокифояи ҷанбаҳои алоҳидаи ин проблемаи калон ва мураккаб ҳанӯз ҳам ҷой доранд.

Яке аз онҳо таҳрезии илмии таносуби назарияи шуури ҳуқуқии судӣ, татбиқи ҳуқуқ ва амалияи судӣ ҳамчун як соҳаи васеъ ва гуногунҷанбаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи давлат мебошад.

Ҳаёти ҳуқуқӣ аксар вақт ҳолатҳои мухталифро ба миён меорад, ки бидуни таҳлил ва фаҳмиши (дарки) назариявии онҳо ҳалли он ниҳоят душвор аст ва адабиёт дар ин хусус, мутаассифона, амалан вуҷуд низ надорад. Бинобар ин, тадқиқоти амиқу махсуси масъалаҳои назариявии шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ дар ҳамалоқамандӣ бо таҷрибаи судӣ зарур мебошад.

Дар бораи сатҳи нави тафаккури судяҳо сухан ронда, мантиқан дуруст аст фарз кунем, ки агар судя дар фаъолияти худ танҳо бо омӯзиши меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқ ва масъалаҳое, ки бо татбиқи ин меъёрҳо дар доираи таҷрибаи судӣ алоқаманданд, маҳдуд гардад, он гоҳ ба таври зарурӣ ташаккули тафакури ҳуқуқии ӯ ғайриимкон мешавад. Чунин тарзи маҳдуди баланд бардоштани савияи касбии судя, шуури ҳуқуқии ӯро мукаммал намесозад ва ба

ҳеҷ ваҷҳ ба ҳаллу фасли масъала оид ба тарбияи судяи замони нав мусоидат карда наметавонад.

Чунин ба назар мерасад, ки ба ғайр аз донишҳои маҳдуди амалӣ ҳар шахсе, ки ҳаёти худро баҳри ҳуқуқ бахшиданист ва барои ба амал баровардани адолати судӣ талошҳо дорад, бояд тафсири илмии мафҳумҳо (ба ғайр аз дигар категория ва мафҳумҳои ҳуқуқӣ), аз ҷумла ҳуқуқ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, тақсимоти ҳокимият ва дар робита бо ин мустақилияти суд, шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ, ба таври кофӣ дарки равшан дошта бошад. Вобаста ба ин, масъала зарурати ташаккули тафаккури илмию ҳуқуқии судяҳо ба миён меояд.

Аз нигоҳи аввал, ин мушкилот бармаҳал ё бофта ба назар расад. дар асл бошад, ба хотири ки мерасид, ки аз ҳар як судя ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ ва чун қоида, ки доимо дар тангии фурсат қарор дорад, талаб намояд, ки барои ташаккули тафаккури илмию ҳуқуқии худ вақт ёбад ва шумораи ниҳоят ками судяҳои амалкунанда бо корҳои илмӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ба таври ҷиддӣ машғуланд.

Нисбати вақте, ки барои ташаккули тафаккури илмию ҳуқуқии судяҳо, яъне тафаккури имрӯзу фардо зарур аст, бояд қайд намуд, ки дар доираи чорабиниҳое, ки судҳо ва судҳои болоӣ оид ба омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи судӣ ва қонунгузорӣ, такмили ихтисос ва ҳамин зайл таҷрибаивазкунӣ анҷом медиҳанд, бояд комилан таваҷҷуҳро нисбат ба масъалаҳои муҳимтарини назарияи ҳуқуқ равона кард. Зеро фаҳмиши онҳо ба ҳар як судя имкон медиҳад бо дарки беандоза ва эҷодкорона пурмазмунтар ба татбиқи ҳуқуқ, ҳалли ҳама гуна ихтилофоти ҳуқуқӣ муносибат кунад ва дар худ на корманди (хизматчии) оддиеро, ки кори муқаррариро иҷро

мекунад, балки шахси мансабдореро бинад, ки дорои боварӣ ва масъулияти олӣ аст.

Ҳамин тариқ, дарки назариявии проблемаҳои шуури ҳуқуқии судӣ дар сатҳи дастрасии бевоситаи онҳо дар таҷрибаи судӣ ва тавассути саволҳое, ки худи амалияи судӣ ба миён мегузорад, аҳамият доранд ва шуури ҳуқуқӣ ҳамчун омили самаранокии татбиқи қонунгузорӣ дар фаъолияти судӣ, аҳамияти муҳими амалӣ дошта, барои санадҳои судии қонунию асоснок қабул намудани судҳо нақши бузург дорад.

**Абдуллозода Ҷ.А.**
раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовиммат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон

# НАҚШИ ҲОЛАТҲОИ САБУККУНАНДА ВА ВАЗНИКУНАНДА ДАР ҚАТОРИ МЕЪЁРҲОИ ТАЪИНИ ҶАЗО МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Мақолаи мазкур ба мавзӯи нақши ҳолатҳои сабуккунанда ва вазникунанда дар қатори меъёрҳои таъини ҷазо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, ба мушкилотҳои қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ дар ин соҳа бахшида шудааст. Муҳимияти мавзӯи мазкур бо он зоҳир мегардад, ки муайянсозии шахсияти гунаҳгор яке аз мушкилотҳои мураккаб ва дар мавриди дигар дорои аҳамияти муҳими амалии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологӣ ба шумор меравад.Новобаста аз оне, ки ба омӯзиши он корҳои илмии зиёд бахшида шуда бошанд ҳам, аммо он то айни замон аҳамияти мубрами худро гум накардааст. Ҳолати мазкур бо он асоснок мегардад, ки шахсияти гунаҳгор барои аз ҷониби суд фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо аҳамияти муҳим дошта, ин муқаррарот таҷассуми бевоситаи худро дар таърифи қонунии принсипи адолат (қ.1-и м.8-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва асосҳои умумии таъини ҷазо (қ.3-и м.60-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ёфтааст. Дар мақола мушкилотҳои зерини амалӣ аз қабили: аз ҷониби*

*судяҳо ҳангоми таъини ҷазо дар баъзе маврид ба ҳолатҳои сабуккунандаи кирдори содирнамудаи шахс баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода нашуда, назар ба ҷазои сабуктар ҷазои вазнинтар таъин карда мешавад, ки дар натиҷа он боиси тағйирёбии ҳукми суд ва аз ҷониби судҳои болоӣ сабуктар гардидани ҷазо мегардад. Ҳамчунин, ҳолатҳое вомехуранд, ки аз ҷониби судяҳо ҳангоми таъини ҷазо ҳолатҳои вазнинкунандаи шахсияти судшаванда аз қабили, қаблан суд шудан, доштани доғи судии бардоштанашуда ва ё барҳамнахурда мадди назар карда шуда, нисбати судшавандагон ҷазои сабуктар таъин мегардад, ки ҳолати мазкур низ боиси бекор гардидани санади судӣ мегардад.*

*Калидвожаҳо: шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда, ҳолатҳои вазнинкунанда, баэътиборгирӣ, интихоб ва таъини ҷазо.*

Дар ҷараёни интихоби чораи таъсирбахш нисбат ба гунаҳгор қонун ба ҳолатҳои сабукунанда ва вазнинкунандаи ҷазо нақши намоёнро бахшидааст. Ҳолатҳои мавриди таҳқиқот қароргирифтаро метавон ҳамчун омилҳои объективӣ ва субъективие муайян кард, ки ба ҷиноят ва (ё) ба шахсияти гунаҳгор тааллуқ доранд ва аломатҳои таркиби ҷиноят намебошанд, ки дар дараҷаи каму зиёд дар бораи хавфи ҷамъиятии ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор шаҳодат медиҳанд ё танҳо шахсро тавсиф медиҳанд.

Ҳолатҳои содир намудани ҷиноят, ки сабуккунанда ва вазнинкунанда эътироф карда мешаванд, ҳамаи онҳо бе истисно ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиргардида ва дар як вақт ба дараҷаи хавфнокии шахсияти гунаҳгор таъсир мерасонанд, аз ин лиҳоз, бояд аз тарафи суд ҳангоми интихоби ҷазо ба инобат гирифта шаванд.

Мушкилӣ бо он ҳолатҳое зоҳир мегардад, ки ҳолатҳо дар доираи кирдори таҷовузкоронаи муввақатӣ ҷойгиранд. Тавре дар боло гуфта гузаштем, баъзе аз онҳо дараҷаи хавфнокии шахсияти гунаҳгорро тавсиф медиҳанд ва бинобар ин, асос барои аз тарафи суд ба инобат гирифтани онҳо вуҷуд дорад. Аммо ҳастанд дигар намудҳое, ки на дараҷаи хавфнокии кирдор ва на шахсияти содирнамудаи кирдорро тавсиф намедиҳанд, аммо ба ҳар ҳол ба ҷазои таъиннамудаи суд аз ақидаи инсондӯстӣ таъсир мерасонанд. Аз рӯи парвандаҳои мавриди омӯзиш қароргирифта ҳаҷми маълумот чунин аст: 12% аз ҳолатҳои сабуккунанда, ки судҳо ба инобат гирифтаанд- ин вазъи бади саломатӣ, маъюбӣ, ақибмонии ақлии маҳкумшуда; 13,8% - дар таъминоти гунаҳгор қарор доштани фарзандони хурдсол; 5,4% - оқибатҳои махсусан вазнин барои оила, ки дар ҳолати маҳрум кардан аз озодии шахс фаро мерасанд; 40% - тавсифномаи мусбии ҷамъиятӣ, маишӣ, истеҳсолии шахсияти маҳкумшуда. Ҳамагӣ ҳиссаи маълумоти шахсияте, ки ба инобат гирифта шудааст, зиёда аз 71,2%-ро ташкил медиҳад.

Ба шумораи ҳолатҳои дигаре, ки судҳо аз рӯи ақидаҳои зикргардида ба инобат мегиранд, амалия фаъолияти пештараи фоиданоки ҷамъиятии судшаванда, саҳми ҷамъиятии ӯро, бо мукофотҳои давлатӣ, инъомҳои дигар сарфароз гардидааст ва ғ.) мансуб медонад.

Мутобиқи талаботи б.6-и Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» аз 24 феврали соли 2005, №1 (бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 30 июни соли 2011, №3 ворид карда шудаанд), мутобиқи талаботи қонун судҳо бояд ҳолатҳоеро, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, ошкор

намуда, ҳангоми ба гунаҳгор таъин намудани ҷазо онҳоро ба инобат гиранд ва дар ҳукм дарҷ намоянд [1, с.58].

Омӯзиши таҷрибаи судӣ собит сохт, ки судяҳо дар баъзе маврид ҳангоми таъини ҷазо ҳолатҳои сабуккунандаи кирдори содирнамудаи шахсро дуруст баҳои ҳуқуқӣ надода, ҷазои вазнинтаро таъин менамоянд, ки дар натиҷа он боиси тағйирёбии ҳукми суд ва сабуктар гардидани ҷазо мегардад.

Масалан, Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии суди ш.Душанбе ҳукми суди н.Синои ш.Душанберо нисбати «Ш» бо б.«а»-и қ.4-и м.139-и КҶ ҶТ тағйир ва ҷазоро кам намуда, қарори худро бо он асоснок намудааст, ки суд воқеан чунин ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба мисли, (бори аввал содир намудани ҷиноят, ба гуноҳаш иқрор будан, пушаймонӣ изҳор намудан, ҷавонӣ, хислатномаи мусбӣ доштан ва даъво надоштани ҷабрдида нисбаташ)-ро мадди назар кардааст [2].

Ҳамчунин, дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, судяҳо ҳангоми таъини ҷазо ҳолатҳои вазнинкунандаи шахсияти судшаванда аз қабили, қаблан суд шудан, доштани доғи судии бардоштанашуда ва ё барҳамнахурдаро мадди назар намуда, нисбати судшавандагон ҷазои сабуктар таъин менамоянд, ки боиси бекор гардидани санади судӣ мегардад.

Масалан, дар асоси ҳукми суди н.И.Сомонии ш.Душанбе шаҳрванд «Ф» барои содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидив бо б.«а»-и қ.2.-и м.237-и КҶ ҶТ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 2 солу 6 моҳ маҳкум гаштааст. Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди ш.Душанбе аз рӯи парвандаи мазкур ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазоро ба мисли гуноҳи худро эътироф кардан, сидқан пушаймон шудан, барои ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат намудан, даъво

надоштани ҷабрдидагон нисбаташ ва хислатномаи мусбӣ доштан муқаррар намуда, ҳамзамон ягон гуна ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазоро дар кирдори «Ф» гӯё надидааст, ҳол он ки дар ҳукми суд бевосита ишора гаштааст, ки маҳкумшуда «Ф» қаблан санаи 6 феврали соли 2015 бо б.«а»-и қ.3-и м.237-и КҶ ҶТ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол маҳкум карда шуда, доғи судиаш барҳам ва ё бардошта нашуда, боз ҷинояти мазкурро дар ҳолати ретсидив содир намудааст. Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди ш. Душанбе ин воқеиятҳоро, ки маҳкумшударо аз тарафи манфӣ тавсиф медиҳанд, инкор накарда, қонунӣ будан ва ба инобат гирифтани онҳоро дар ҳукм зери шубҳа қарор надода, диққати худро ба он ҷалб кардааст, гӯё гарчанде суди марҳилаи якум ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазои «Ф»-ро дар ҳукм нишон дода, аммо боз нисбаташ ҷазои вазнин таъин кардааст, ҳол он ки нисбати «Ф» асосҳо барои татбиқ намудани ҷазои сабуктар бо м.63-и КҶ ҶТ мавҷуд буданд. Аз ин хотир, суди зинаи кассатсионӣ ҳукми мазкурро тағйир дода, нисбати «Ф» ҷазоро дар намуди ҷарима ба андозаи 1200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 69600 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин намудааст[3].

Ҳол он ки дар б.26-и Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 23 июни соли 2010, №12 бевосита пешбинӣ шудааст, ки судҳои марҳилаи кассатсионӣ набояд ба беасос сабук кардани ҷазо нисбати шахсоне, ки қаблан суд шуда, ба кори ба ҷамъият фоидаовар машғул нашуда, боз ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир намудаанд, инчунин ба бетағйир монондани ҳукм нисбати маҳкумоне, ки ба маҳруми аз озодӣ маҳкум карда шудаанд, ҷинояти содирнамудаашон

ба ҷамъият хавфнокии баланд надорад ва бе ҷудо кардан аз ҷамъият метавонанд ислоҳ шаванд, роҳ диҳанд[4, с.124].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба ақидаи мо, дар асл бештари ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунанда дараҷаи муайяни хавфи ҷиноят ва шахси содирнамудаи онро тавсиф медиҳад, аммо баъзеҳо «то андозае бевосита буда бо ҷинояти содиршуда алоқамандие надоранд ва дараҷаи хавфнокии ҷиноят ва гунаҳгорро тавсиф намедиҳанд, аммо бояд тибқи талаботи принсипи инсондӯстӣ, инчунин мақсаду ҳадафҳои ҷазо ба инобат гирифта шаванд».

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои муҳими зерини ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда ифода меёбанд:

Якум, онҳо моҳияти маълумот дар бораи кирдори содиршуда ва шахсият, ки ба шумораи аломатҳои таркиби ҷиноят дохил намешаванд (асосӣ, банбубаст кардашуда ё афзалиятнок) мебошанд, аммо хусусиятҳои мушаххаси кирдор ва содирнамудаи кирдорро ифода намедиҳанд.

Дувум, онҳо барои ҳамин лиҳоз ба ҷазо таъсир мерасонанд, ки бо онҳо чун қоида баландшавӣ ё пастшавии дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда, ки шахсияти гунаҳгорро тавсиф медиҳанд, алоқамандӣ доранд.

Дар ин маврид нуктаи «номгӯи қонунгузории рӯйхати ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда аз нав дида баромада шавад, зеро онҳо ҳолатҳои балландкунанда ва пасткунандаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти гунаҳгор ва кирдори содирнамудаи ӯ мебошанд» муҳим арзёбӣ мегардад.

Сеюм, дар байни ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда ҳолатҳое ҷой доранд, ки:

1) дар ҷиноят зоҳир гардидаанд;

2) зоҳир нагардидаанд, аммо бо он алоқаманд

мебошанд;

3) бо кирдори содиргардида алоқаманд намебошанд, аммо дараҷаи хавфнокии шахсиятро тавсиф медиҳанд;

4) ба дараҷаи хавфнокии шахсият таъсир намерасонанд, аммо ба ҳар ҳол охиринро тавсиф медиҳанд.

Ду намуди аввал, инчунин чорум бо вуҷуди нопурра будан дар рӯйхати м.м. 61 ва 62-и КҶ ҶТ номбар карда шудаанд, яъне аз тарафи қонун ба сифати ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда эътироф карда шудаанд. Намуди сеюми ҳолатҳо бошад, ҳоло наметавонад ҳамчун аломати вазнинкунанда хизмат намояд, аммо суд ҳуқуқ дорад онҳоро ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо эътироф намояд; ба ҳар ҳол қонун дар ин қисм манъкуниро пешбинӣ накардааст, амалия бошад онҳоро ба тариқи васеъ ба инобат мегирад. Қобили таваҷҷуҳ он аст, ки дар КҶ амалкунандаи таҳрири соли 1998 дар байни ҳолатҳои сабуккунанда нахустин ҳолати намуди чорум – кӯдакони хурдсол доштани гунаҳгор пайдо шуд. Қаблан ин ҳолат аз тарафи амалия ҳангоми таъини ҷазо дар асоси м.37-и КҶ ҶШС Тоҷикистон,таҳрири соли 1961 пешбинишуда дар бораи ба суд додани ҳуқуқи эътироф кардани ҳолатҳои дигар низ ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарӣ, васеъ истифода бурда мешуд[5, с.42].

Аммо маънои ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷорӣ кардани ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда на дар инъикос додани алоқамандии он бо кирдори содиргардида, гуноҳ, хавфи ҷамъиятии кирдори содиршуда ва шахсият ва ғ., балки дар кӯшиши қонунгузор ба қадри имкон аниқ кардани ҷараёни фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо, таъмини муқарраркунии боэътимоди фаъолияти татбиқи ҳуқуқ дар қисмати муайян кардани шакли ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳаҷми он, мебошад.

Тавре дар боло гуфта гузаштем, рӯйхати ҳолатҳои

сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо дар м.м. 61 ва 62-и КҶ ҶТ қайд карда шудаанд. Онҳо то дараҷае васеъ мебошанд, аммо таҳлили умумии ҳолатҳои мазкур аз доираи таҳқиқоти кори илмии мо берун аст. Ба ҳар ҳол мавриди таҳқиқоти қоидаҳои таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо мо ба ин ё он ҳолате, ки ба сифати меъёри фардикунонии ҷазо баромад мекунанд бозпас хоҳем гашт.

Агар мазмуни ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо дар фаҳмиши худ мушкилотҳоро ба миён наоварад, он гоҳ қоидаҳои ба инобат гирифтани чунин ҳолатҳо дар қонун бениҳоят кам коркард карда шудаанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло таклиф менамоем, ки қоидаҳои муайн оид ба таъини ҷазо ҳангоми дар парванда мавҷуд будани ҳолатҳои сабуккунанда ва (ё) вазнинкунандаи ҷазо, инчунин ҳангоми вуҷуд надоштани онҳо зарур мебошанд.

Аз таҳлили қ.3-и м.60-и КҶ ҶТ метавон ба хулосаи зайл омад: ба инобат гирифтани ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷазо на ҳуқуқи суд, балки вазифаи он мебошад. Рӯйхати ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо бояд боқӣ монад, зеро он ба ҳар ҳол ҳуқуқи судро ҳангоми баровардани ҳукм оид ба инобат гирифтани маълумот дар бораи шахсияти судшаванда, ки ӯро аз тарафи манфӣ тавсиф медиҳад, истисно намекунад.

Ҷараёни таъини ҷазо бояд дар асоси алгоритми зерин амалӣ гардад: аввалан, суд ҳамон намуди ҷазоро, ки бештар бо дарназардошти хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ва гунаҳгор мувофиқат мекунад, таъин менамояд. Ҳамзамон, суд бояд бо дарназардошти «зинаи ҷазоҳо»-и дар м.47-и КҶ ҶТ пешбинишуда дар ҳукм асоснок намояд, ки дар асоси кадом сабабҳо суд нисбати гунаҳгор татбиқ намуди ҷазои нисбатан сабуктарро муносиб меҳисобад. Дувум, суд «чораи ибтидоии ҷазоро»

(ҳисоби миёнаи арифметикӣ байни ҳадди баландтарин ва пастарини санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ) барои ҷинояти муайян муқаррар месозад, пас аз ин бо дарназардошти ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, ки дар парванда мавҷуданд, чораи аниқи ҷазоро нисбати шахси гунаҳгор дар доираи санксияи меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таъин менамояд. Ҳамин тариқ, «чораи ибтидоии ҷазо» бо роҳи ба ду тақсим кардани ҳосили ҷамъи аҳамиятҳои андозаҳои баланд ва пасти ҷазои мазкур муайян карда мешавад. Агар дар санксияи Қисми махсуси КҶ андозаи пасти ҷазо пешбинӣ нашуда бошад, он гоҳ андозаи пастарини он барои ҷинояти мазкур тибқи муқаррароти Қисми умумии КҶ, ки муҳлати камтарини эҳтимолӣ ё андозаи аниқи ҷазоро дар бар мегирад, муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми дар парванда мавҷуд будани танҳо ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо муҳлати ниҳоӣ ё андозаи ҷазои таъиншаванда бояд гӯё ки аз «чораи ибтидоии ҷазо» ба ҳудуди пастарини он «ҳаракат намояд». Ҳамзамон, муҳлат ё андозаи ҷазои таъиншаванда дар ҳолати мазкур тибқи қоидаи умумӣ набояд аз «чораи ибтидоии ҷазо» зиёд бошад. Ба ақидаи мо, суд танҳо дар як ҳолат метавонад аз доираи қоидаи мазкур берун барояд ва ҷазоро аз «чораи ибтидоии ҷазо» баландтар таъин намояд – агар дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят махсус баланд бошад (масалан, ҷиноят бо тарзи махсусан хавфнок содир карда шудааст, андозаи калони зарар ё вазнинии махсуси оқибатҳои фарорасида баръало аён мебошанд).

Дар сурати дар парванда мавҷуд будани танҳо ҳолатҳои вазнинкунада, муҳлати ниҳоӣ ё андозаи ҷазои таъиншаванда бояд аз «чораи ибтидоии ҷазо» ба самти худуди баландтарини он «ҳаракат намояд». Ҳамзамон, муҳлат ё андозаи ҷазои таъиншаванда дар ҳолати мазкур

набояд аз «чораи ибтидоии ҷазо» камтар бошад.

Ҳангоми мавҷуд будани шумораи баробари ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи ҷазо, муҳлат ё андозаи ҷазои таъиншаванда бояд ба «чораи ибтидоии ҷазо» мувофиқат намояд.

Ҳамин тариқ, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо мафҳумҳое мебошанд, ки байни худ зич пайванданд ва ин пайвастро мо дар он мебинем, ки ҳолатҳои сабукунанда ва вазнинкунанда бо якдигар алоқамандӣ дошта, онҳо ҳаракатҳое мебошанд, ки ба ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор (ё танҳо ба шахсият) тааллуқ доранд. Ва дар ин ҷода онҳо қисми бутунро ташкил медиҳанд.

Боби мазкурро ҷамъбаст намуда, бояд қайд кард, ки принсипи фардикунонии ҷазо дар асосҳои умумии таъини ҷазо (м.60-и КҶ ҶТ) ифодаи худро ёфтааст. Аммо дар он танҳо қоидаҳои умумии аз тарафи суд муқаррар кардани ҷазоро баён мекунад ва аз ин лиҳоз тамоми он қисматҳоро, ҳолатҳои эҳтимолие, ки бояд аз тарафи суд баҳо дода шаванд, дар бар намегирад. Агар бо тарзи дигар гуем, моддаи мазкур тартиби интихоби чораи таъсири ҳуқуқӣ-ҷиноятиро дар худи шакли умумӣ бо дарназардошти ҳолатҳои маъмулие, ки бештар ба чашм мерасанд, яъне таъини ҷазо барои аз тарафи иҷрокунанда содир намуда ва хотима додани ҷинояти ягонаро (ниҳоӣ) ба танзим медарорад. Воқеан, суиқасд, ки бо сершуморагии онҳо алоқаманд аст ё ин ки аз ҳолатҳои аз иродаи гунаҳгор новобаста дар марҳилаи тайёрӣ ё суиқасд кандашуда, ё ин ки бо иштироки як қатор шахсон содир гардидааст, ҷой дорад.

Ҳолатҳои мазкур дар қисмати интихоби ҷазо бо м.м. 64-67-и КҶ ҶТ ба танзим даровард мешаванд. Аммо

мавҷудияти муқаррароти махсуси ҳуқуқӣ-ҷиноятии мазкур маънои суст кардани ҳаракатро дар ҳолатҳои ба танзим даровардашудаи муқаррароти м.60-и КҶ ҶТ надорад. Бинобар ин, изҳорот дар хусуси эҳтимолии рақобати моддаи мазкур бо меъёрҳои махсус, аз ҷумла дар ҳолати интихоби ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо, маҳз хато мебошад[6]. Асосҳои умумии таъини ҷазо муқаррароти худро ба ҳолатҳои зикргардида низ паҳн мекунад. Хусусияти асосӣ аз он иборат аст, ки якҷоя бо онҳо бояд меъёрҳои махсус, ки бо самтҳои муайян асосҳои умумиро (нисбат ба парвандаҳо дар бораи шарикӣ, фаъолияти ҷиноятии хотиманаёфта, сершуморагии ҷиноят ва ғ.) аниқ мекунанд ва рушд мебахшанд, бояд татбиқ карда шаванд. Бинобар ин, ақида дар бораи он ки «фардикунонии ҷазо баробар ба ҳолатҳои таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо паҳн мегардад, аз он ҷумла барои ҳар як кирдоре, ки ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохил мешавад, қобили қабул намебошад. Дигаршавии принсипҳои дар бар гирифтан, қисман ва пурра зам кардан низ шаклҳои ифода намудани фардикунонии ҷазо ба шумор меравад.

Тибқи муқаррароти б.14-и Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24 декабри соли 2010, №33 (бо тағйиротҳое, ки ба қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №32 ворид гардидаанд, суд, судя набояд ба воқеияти ба гунаҳгор таъин намудани ҷазое, ки бо андозаи худ чӣ аз ҷиҳати сабукӣ ва чӣ аз ҷиҳати вазниниаш баръало беадолатона мебошанд, роҳ диҳанд.

Аз ин рӯ, дар ҳукм қайд намудан зарур аст, ки кадом ҳолатҳо ба дараҷа ва хусусияти ҷавобгарии судшаванда таъсир расондаанд, инчунин дигар ҳолатҳое, ки шахсияти ӯро муайян менамоянд ва дар рафти баррасии парвандаи ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 85-и КМҶ исбот гардида, аз

тарафи суд, судя мавриди таъини ҷазо ба инобат гирифта шудаанд, нишон дода шаванд[7, с.141].

Аз ин лиҳоз, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки агарчанде асосҳои умумии таъини ҷазо, ки дар м.60-и КҶ ҶТ муайян карда шудаанд, барои дуруст интихоб намудани ҷазо дастур диҳанд, аммо онҳо ба қадри кофӣ дар меъёрҳои махсус оид ба таъини ҷазо муайян карда нашудаанд. Алалхусус, қоидаҳои ба назари эътибор гирифтани ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо ба такмил ниёз доранд. Таъини ҷазои дуруст ва фардикунонии он ки маҳз қонун онро талаб менамояд, бе баҳо додани ҳолатҳои ҳамаҷонибаи парванда бо дарназардошти ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда ғайриимкон мебошад.

Адабиёт:

1.Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» аз 24 феврали соли 2005, №1 (бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 30.06.2011,№3 ворид карда шудаанд) [Матн] // Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе: Нашриёти “Контраст”, 2019. – 450 с.

2.Бойгонии суди н.Синои ш.Душанбе барои соли 2019 // Парвандаи ҷиноятии №1–50/2019.

3.Бойгонии суди н.И.Сомонии ш.Душанбе барои соли 2020 // Парвандаи ҷиноятии №1– 87/2020.

4.Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ» аз 23 июни соли 2010, №12 [Матн] // Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе: Нашриёти “Контраст”, 2019. – 450 с.

5. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) [Матн]. – Сталинабад, 1952 – 81 с.

6. Зелинский А. Повторное совершение преступления как обстоятельство, отягчающее ответственность //Сов.юстиция. – 1972. – №5. – С. 7.; Горелик А.С. Назначение наказания по совокупности. – Красноярск, 1975.– С.14–15; Новоселов Г.П. Критерии определения судом меры уголовного наказания: дис. … канд. юрид. наук. – Свердловск, 1981.– С. 163.

7. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» аз 24 декабри соли 2010, №33 (бо тағйиротҳое, ки ба қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №32 ворид гардидаанд.[Матн] // Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). – Душанбе: Нашриёти “Контраст”, 2019. – 450 с.

# РОЛЬ СМЯГЧАЮЩИХ И ОТЯГЧАЮЩИХ ОБСТОЯТЕЛЬСТВ В РЯДЕ КРИТИЕРИЕВ НАЗНАЧЕНИЯ НАКАЗАНИЯ В СООТВЕТСТВИИ С УГОЛОВНЫМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

АБДУЛЛОЗОДА ДЖАМОЛИДДИН АБДУЛЛО
Соискатель кафедры уголовного права и противодействия с коррупцией юридического факультета Таджикского национального университета, председатель суда Яванского района Хатлонской области,
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел: +933 24 36 36; E- mail:Abdullozoda1985@gmail.com

*Данная статья посвящена теме роли смягчающих и отягчающих обстоятельств в ряде критериев назначения наказания в соответствии с уголовным законодательством Республики Таджикистан, в частности, проблемам законодательства и судебной практики в этой сфере. Актуальность данной темы проявляется в том, что индивидуализация личности виновного является одной из самых сложных проблем, а в других случаях имеет важное теоретическое ,уголовно-правовое и криминологическое значение. Независимо от того, сколько научных работ было посвящено его исследованию, но до сих пор оно не утратило своего актуального значения. Данное обстоятельство оправдано тем, что личность виновного имеет важное значение для индивидуализации судом уголовной ответственности и наказания, и это положение отражает его непосредственное воплощение в юридическом определении принципа справедливости (ч.1 ст.8 УК Республики Таджикистан) и общие начала назначения наказания (ч.3*

*ст.60 УК Республики Таджикистан). В статье излагаются следующие практические трудности, такие как: судьи при назначении наказания в некоторых случаях не наделены надлежащими правовыми показателями в случаях смягчения совершенных лиц деяний и назначаются более тяжкие наказания, чем более легкие наказания, что в результате приводит к изменению приговора и смягчению наказания вышестоящими судами. Также можно повстречать случаи, когда судьями при назначении наказания при отягчающих обстоятельствах личности подсудимого, таких как, не снятой судимости или не погашенной судимости, назначаются более легкие наказания в отношении подсудимых, что также приводит к аннулированию судебного акта.*

Ключевые слова: *личность виновного, смягчающие обстоятельства, отягчающие обстоятельства, признание, выбор и назначение наказания.*

# THE ROLE OF MITIGATING AND AGGRAVATING CIRCUMSTANCES IN A NUMBER OF SENTENCING CRITERIA IN ACCORDANCE WITH THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

ABDULLOZODA JAMOLIDDIN ABDULLO
Applicant of Criminal Law and Anti-Corruption Department of the Law Faculty of the Tajik National University, Chairman of the Yovon district Court of Khatlon region,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave.,
Phone: +933 24 36 36; E-mail:Abdullozoda1985@gmail.com

*This article is devoted to the role of mitigating and aggravating circumstances in a number of criteria for sentencing in accordance with the criminal legislation of the Republic of Tajikistan, in particular, the problems of legislation and judicial practice in this area. The relevance of this topic is manifested in the fact that the individualization of the identity of the perpetrator is one of the most difficult problems, and in other cases it has important theoretical, criminal law and criminological significance. No matter how many scientific papers have been devoted to his research, but so far it has not lost its relevance. This circumstance is justified by the fact that the identity of the perpetrator is important for the individualization of criminal responsibility and punishment by the court, and this provision reflects its direct embodiment in the legal definition of the principle of justice (Part 1 of Article 8 of the Criminal Code of the Repu blic of Tajikistan) and the general principles of sentencing (Part 3 of Article 60 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan). The article outlines the following practical difficulties, such as: judges in sentencing in some*

*cases are not endowed with appropriate legal indicators in cases of mitigation of acts committed by persons and more severe punishments are imposed than lighter punishments, which as a result leads to a change in the sentence and mitigation of punishment by higher courts. It is also possible to meet cases when judges, when imposing punishment under aggravating circumstances of the defendants personality, such as a criminal record that has not been removed or a criminal record that has not been extinguished, impose lighter punishments against the defendants, which also leads to the annulment of the judicial act.*

Keywords: *the identity of the perpetrator, mitigating circumstances, aggravating circumstances, confession, choice and imposition of punishment.*

Нашрияи

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ 2, 2022

Бюллетень

Верховного Суда Республики Таджикистан

Мусаҳҳеҳ – Тураев Камол Мавлонович
Ҳуруфчӣ – Исмоилзода Шокирҷон Шариф

Ба чоп _______ имзо шуд. Формат 60 х84 1/8 32 в.ш.ч.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman 12.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «___________» чоп шудааст.